**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 30 декабри соли 2015 № 797
ш. Душанбе

Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии
ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2016-2020

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Қубодиён ҳангоми таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва ноҳия бароиояндаи кӯтоҳмӯҳлат ва миёнамӯҳлат, инчунин лоиҳаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ нишондиҳандаҳои Барномаи мазкурро дар доираи маблағҳои пешбинишудаи вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Қубодиён амалӣ намоянд.

3. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Қубодиён бо мақсади амалӣ намудани нишондиҳандаҳои Барномаи мазкур тибқи тартиби муқаррargardida ҳуҷҷатҳои лоиҳавию хароҷотии зарурӣ ва лоиҳаҳои сармоягузориро барои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ таҳия карда, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

4. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Қубодиён рафти иҷрои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2016-2020-ро таҳти назорат қарор дода, ҳар сол то 1 март оид ба иҷрои он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот ирсол намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН

## барои солҳои 2016-2020

# МУНДАРИҶА


**Рӯйхати ихтисорот ..... 5**
**Пешгуфтор ..... 6**
**Тақсимоти маблағҳои БРН аз рӯи соҳаҳо ..... 7**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ**
**ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ..... 8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ..... 13**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ. ..... 13
2.2. Соҳаи саноат ..... 26
2.3. Соҳибкории хурду миёна ..... 29
2.4. Сохтмон ..... 31

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ..... 34**
3.1. Маориф ..... 34
3.2. Тандурустӣ ..... 41
3.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ..... 44
3.4. Фарҳанг ва фароғат ..... 51
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ..... 52

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ..... 55**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ..... 55
4.2. Хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ) ..... 56
4.3. Таъминот бо барқ ..... 57
4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ..... 59
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ..... 60

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ..... 62**

**БОБИ 6. ОМОДАГӢ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА,**
**ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ҲОЛАТИ ХАТАРИ ОНҲО ..... 64**

**БОБИ 7. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ..... 68**

**БОБИ 8. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ..... 71**

**Номгӯи иншооти сохтмону барқарор**
**ва таъмиршавандаи ҳудуди ноҳияи Қубодиён дар солҳои 2016-2020 ..... 72**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ГК | Гуруҳи корӣ |
| ГТ | Гуруҳи ташаббускор |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КПМО | Кумитаи падару модарон ва омӯзгорон |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МТС | Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| СББСНМТ | Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

# ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2016-2020 (минбаъд-Барнома) бо иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва мутахассисони соҳавӣ таҳия гардида, дар рафти таҳияи он мушкилотҳои асосие, ки барои рушди ноҳия монеа эҷод менамуданд, муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардидаанд.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи рушди ноҳияи Қубодиён талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015”, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи кории ноҳия, ки бо амри Раиси ноҳияи Қубодиён аз 13 феврали соли 2015, № 79 “Оид ба таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2016-2020” тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ҳадафи асосии Барномаи тарҳрезигардида таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, дар асоси коркарди саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии бунёдии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи зикргардида ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамӯҳлат муайян мекунад.

*Тақсимоти маблагҳои*
*“Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, бахши иқтисодӣ | 57750 | 5950 | 10050 | 14000 | 14050 | 13700 |
| Кишоварзӣ | 19650 | 4100 | 4250 | 3800 | 3700 | 3800 |
| Саноат | 4500 | 1250 | 1700 | 650 | 600 | 300 |
| Соҳаи соҳибкории хурду миёна | 1500 | 400 | 500 | 200 | 200 | 200 |
| Сохтмон | 32100 | 200 | 3600 | 9350 | 9550 | 9400 |
| Ҳамагӣ, бахши иҷтимоӣ | 34975 | 8468 | 10768 | 5353 | 5103 | 5283 |
| Маориф | 17580 | 7113 | 7128 | 1113 | 1113 | 1113 |
| Тандурустӣ | 9690 | 616 | 1806 | 2306 | 2306 | 2656 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 1325 | 125 | 625 | 525 | 25 | 25 |
| Фарҳанг ва фароғат | 5110 | 600 | 1195 | 1395 | 1045 | 875 |
| Сайёҳӣ ва варзиш | 1270 | 14 | 14 | 14 | 614 | 614 |
| Ҳамагӣ, бахши инфрасохтор | 13965 | 1940 | 3725 | 3595 | 2570 | 2135 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 3000 | 500 | 650 | 650 | 600 | 600 |
| Таъмини барқ | 7645 | 1110 | 1595 | 1865 | 1740 | 1335 |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳ | 2150 | 100 | 1050 | 900 | 50 | 50 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 800 | 150 | 350 | 100 | 100 | 100 |
| Алоқа ва фазои иттилоотӣ | 370 | 80 | 80 | 80 | 80 | 50 |
| Ҳифзи муҳити зист | 1225 | 405 | 405 | 405 | 5 | 5 |
| Таъминоти захиравӣ | 130 | 25 | 25 | 25 | 25 | 30 |
| Ҳамагӣ, арзиши БРН | 108045 | 12995 | 20245 | 24250 | 25480 | 25075 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 59245 | 5946 | 8971 | 13776 | 15276 | 15276 |
| Буҷети вилоятӣ | 850 | 180 | 180 | 180 | 180 | 130 |
| Буҷети маҳаллӣ | 3610 | 814 | 969 | 704 | 554 | 569 |
| Сармояи хориҷӣ | 11800 | 1270 | 2855 | 2755 | 2455 | 2465 |
| Маблағҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ | 1400 | 280 | 280 | 280 | 280 | 280 |
| Маблағҳои соҳибкорон | 7925 | 2235 | 2785 | 1135 | 985 | 785 |
| Маблағҳои аҳолӣ | 300 | 0 | 100 | 100 | 100 | 0 |
| Маблағҳои худӣ | 7865 | 270 | 655 | 2120 | 2450 | 2370 |
| Маблағҳои Иттифоқи Тоҷикматлубот | 5050 | 0 | 1450 | 1200 | 1200 | 1200 |
| Қарзи бонкҳо | 10000 | 2000 | 2000 | 2000 | 2000 | 2000 |

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН

**Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия**

Ноҳияи Қубодиён дар қисмати ҷанубу ғарбии вилояти Хатлон, дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии ишғолнамудаи ноҳия 1,85 ҳазор км²-ро ташкил медиҳад.

Сарзамини Қубодиён аз шимол ба ҷануб дар соҳили дарёи Кофарниҳон ҷойгир буда, аз тарафи шимол бо ноҳияи Рӯдакӣ, аз ҷониби шарқ бо ноҳияи Ҷиликӯл, аз ҷониби ғарб бо ноҳияи Шаҳритуз ва аз тарафи ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад.

Дар ҳайати ноҳияи Қубодиён 7 ҷамоати деҳот шомил аст.

*Харитаи тақсимоти марзию маъмурии ноҳияи Қубодиён*



*Маълумотнома оид ба ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Қубодиён*

| № | Номи ҳудуди маъмурии ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи аҳолӣ (нафар) | Шумораи хонавода | Мактаби миёна | Мактаби асосӣ | Муассисаҳои томактабӣ | Китобхонаҳо | Мактаби мусиқии бачагона | Беморхонаҳо | Маркази саломатӣ / бунгоҳҳо | Нуқтаи фуруши сузишворӣ | Тарабхона | Ошхона | Дукон ва мағоза | Ҳаммом | Сехҳои дузандагӣ | Сартарошхона | Ҷувози барқи ва обӣ | Корхонаҳои саноатӣ ва хурду миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Заркамар | 5 | 15 | 12198 | 2186 | 5 | 2 | - | 2 | - | - | 3/2 | - | - | - | 14 | - | - | - | 6 | - |
| 2 | У.Назаров | 3 | 9 | 21532 | 3125 | 5 | - | 1 | 2 | - | - | 2/4 | 4 | - | - | 21 | - | - | 1 | 12 | 2 |
| 3 | И.Ниёзов | 5 | 4 | 19202 | 2462 | 5 | - | - | 1 | - | - | 0/7 | 3 | - | - | 21 | - | - | 2 | 11 | 2 |
| 4 | Н.Хусрав | 8 | - | 36206 | 4709 | 15 | 1 | 3 | 3 | 1 | 2 | 1/3 | 17 | 4 | 15 | 100 | 3 | 4 | 12 | 7 | 3 |
| 5 | 20 солагии Истиқлол | 7 | 10 | 28542 | 4040 | 9 | 2 | - | 5 | - | - | 2/9 | 5 | - | - | 88 | - | - | 4 | 34 | 4 |
| 6 | Тахти Сангин | 12 | 27 | 37961 | 4804 | 13 | - | 1 | 4 | - | 2 | 3/6 | 5 | - | 2 | 60 | - | - | 5 | 11 | 12 |
| 7 | Навобод | 3 | 45 | 10484 | 1284 | 4 | 1 | - | 1 | - | 1 | 1/3 | - | - | - | 19 | - | - | - | 20 | - |
| | Ҳамагӣ: | 43 | X | 166125 | 22610 | 56 | 6 | 5 | 18 | 1 | 5 | 12/34 | 34 | 4 | 17 | 323 | 3 | 4 | 24 | 101 | 23 |

**Шарҳи таърихию фарҳангӣ.** Қубодиёни куҳанбунёд, мулки шоҳнишин ва сарзамини қадимаи тоҷикон ба шумор меравад. Ноҳияи Қубодиён 7 апрели соли 1978 дар ҳайати вилояти Қурғонтеппа ташкил гардидааст.

Мафҳуми калимаи Қубодиён ба ақидаи бостоншинос Юсуфшоҳ Ёқубов ба номи асосгузори сулолаи Каёниён - Кайқубод, ки дар асри XV-и пеш аз мелод ҳукмронӣ намудааст, марбут аст.

Маънои калимаи Қубод-одил, некхоҳ, ватандӯст, оштинопазир нисбати беадолатиҳо буда, агар замони ҳукмронии ин шоҳро ба давраи бунёди Қубодиён як донем, пас Қубодиён дорои таърихи 3500-сола мебошад. Агар ба бозёфтҳои таърихӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ин сарзамин дар асрҳои VI пеш аз мелод арзи вуҷуд доштааст.

Бозёфтҳои нодиру қадима ва чандин шоҳони номдор ба мисли Кайқубодшоҳ аз таърихи куҳани Қубодиён шаҳодат медиҳанд. «Тахти сангин», «Қалъаи Мир», «Теппаи шоҳ», «Тахти Қубод», «Сафедмазор», «Куҳандиз», «Хуштармулло» ва боз чандин қасру тахти нақшин аз ҷумлаи ёдгориҳои беназири ин диёр мебошанд.

Маркази ноҳияи Қубодиён солҳои пеш маркази тамаддуни илму фарҳанг ва рушди иқтисодии минтақа буда, бозёфтҳои таърихи гувоҳи онанд, ки ин минтақа дар «Шоҳроҳи абрешим» ҷойгир буда, тавассути он шарқро бо ғарб мепайваст.

**Шароитҳои иқлимӣ ва захираҳо табиӣ**

Водии Қубодиён дар ҷануби баландкӯҳҳои Ҳисору Олой дар баландии 788 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шуда, бо қаторкӯҳҳои Боботоғу Оқтой ва Каротоғу Чилонтой иҳота гардидааст. Иқлими ноҳияи Қубодиён хушки континенталӣ (дар моҳи январ ҳарорати ҳаво аз 0 то -24 дараҷа хунук, дар моҳи июл бошад, ҳарорати ҳаво аз +24 то +40,5 дараҷа гарм) мебошад.

Ноҳияи Қубодиён дорои захираҳои бои табиӣ мебошад. Бо истифода аз захираҳои нефт ва оҳаксанги маҳаллӣ, дар ин мавзеъ имконияти рушди соҳаи коркарди нефт ва соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмон имкон дорад.

Дар ноҳия асосан соҳаи пахтакорӣ, зироаткорӣ, сабзаводкорӣ, ангурпарварӣ, чорводорӣ, инчунин пиллапарварӣ ривоҷ ёфтааст.

Дар кӯҳҳои ҳудуди ноҳия конҳои тилло, сурма, волфрам, рӯҳ ва оҳаксанг мавҷуд мебошад. Дар заминаи кони оҳаксанг дар ноҳия имконияти истеҳсоли маводи сохтмонӣ - семент ва оҳаксанг вуҷуд дорад.

**Ҳолати демографӣ**

Шумораи аҳолии ноҳияи Қубодиён ба санаи 1 январи соли 2015 166125 нафар, ё ин ки 5,6% аҳолии вилояти Хатлонро (аз ҷумла мардҳо – 83602 нафар, ё ин ки 50,3 фоиз, занҳо – 82523 нафар, ё ин ки 49,7 фоиз) ташкил медиҳад, ки асосан дар деҳоти ноҳия зиндагӣ менамоянд.

*Аҳолии ноҳияи Қубодиён аз рӯи ҷамоатҳои деҳот*
*ба ҳолати 1 январи соли 2015.*

| № | Номгӯи ҷамоатҳои деҳот | Шумораи хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ | Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Заркамар | 2186 | 12198 | 1134 |
| 2 | У.Назаров | 3125 | 21532 | 1706 |
| 3 | И.Ниёзов | 2462 | 19202 | 1057 |
| 4 | Н.Хусрав | 4709 | 36206 | 1730 |
| 5 | 20-солагии Истиқлол | 4040 | 28542 | 1104 |
| 6 | Тахти Сангин | 4804 | 37961 | 2331 |
| 7 | Навобод | 1284 | 10484 | 756 |
| | Ҳамагӣ: | 22610 | 166125 | 9818 |

Қисми асосии аҳолии ноҳияи Қубодиёнро (48,9%) тоҷикон, шумораи боқимондаи аҳолиро ӯзбекҳо (42,2 %) ва намояндагони дигар миллатҳо (8,9%) ташкил медиҳанд.

*Сохтори аҳолии ноҳияи Қубодиён (бо %)*




## Биниши ояндаи ноҳияи Қубодиён

*Ноҳияи Қубодиёни бостонӣ – маркази рушдёфтаи коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатии дорои инфрасохтори муосири фароғатию сайёҳӣ ва иҷтимоӣ, ки дар он фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна фароҳам оварда шуда, аҳолии соҳибҳунару меҳнатқарин дар муҳити зисти шоиста зиндагию фаъолият менамоянд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили SWOT- тарафҳои қавӣ, заиф, имконият ва хавфу хатарҳои берунаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Қубодиён таҳрезӣ шудааст.

*Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Қубодиён (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| Мавҷуд будани захираҳои табиӣ;<br>Шароит барои рушди туризм;<br>Мавҷудияти захираҳои замин (аз ҷумла заминҳои нав);<br>Таҷрибаи бойи соҳаи боғу токпарвари;<br>Иштироки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ислоҳоти замин;<br>Мавҷудияти ташкилотҳои қарздиҳии хурд ва хоҷагиҳои фермерӣ;<br>Рушди соҳибкории хурду миёна ва соҳаи хизматрасонӣ;<br>Мавҷуд будани сарчашмаҳои мухталифи истифодаи энергияи офтоб дар баробари энергияи барқ;<br>Фаъолияти самараноки ВАО;<br>Ҷойгиршави ва мавқеъи мувофиқи ҷуғрофӣ;<br>Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ;<br>Зиёд будани мутахассисони баландихтисос;<br>Нигаҳдошти расму оинҳои милли ва фарҳангӣ;<br>Мавҷудияти бозори марказӣ ва бозорҳои шахсӣ;<br>Мавҷудияти инфрасохтори хизматрасонии нақлиёт;<br>Мавҷудияти роҳи оҳан;<br>Мавҷудияти ёдгориҳои таърихи бостони ва иқлими мусоид барои рушди сайёҳӣ; | Паст будани музди меҳнат;<br>Нарасидани ҷойҳои кори;<br>Фарсуда будани чоҳҳои оби нушокӣ ва насосҳои обкаши;<br>Таъмирталаб будани роҳҳои автомобилгарди маркази ва деҳот;<br>Нарасидани омӯзгорон;<br>Сифати пасти хизматрасонии тиббӣ (нарасидани таҷҳизоти тиббӣ);<br>Назорати сусти кормандони кумитаи идораи заминсози ноҳия оид ба истифодабарии самараноки замин;<br>Риоя накардани технологияи коркарди замин;<br>Набудани имконияти фурӯши маҳсулоти кишоварзи ба дигар минтақаҳо ва давлатҳо;<br>Мавҷуд набудани корхонаҳои хурди саноати коркарди меваю сабзавот;<br>Фаъолияти ғайриқаноатбахши соҳаи ҳифзи муҳити зист;<br>Ба муҳоҷирати меҳнати рафтани қувваи қобили меҳнат;<br>Хуруҷи бемориҳо дар байни аҳолӣ;<br>Дар сатҳи паст қарор доштани марказҳои фарҳанги; |

| | |
|---|---|
| Мавҷудияти инфрасохтори таъмини оби нушокӣ;<br>Таҷрибаи ҳамкори бо донорҳо ва малакаҳои ҷалби маблағ;<br>Шароити хуби иқлими хок барои рушди боғу токпарвари. | Ҷалби сусти занҳои фаъол ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ;<br>Дастрасии нокифоя ва нарасидани оби нушоки ба аҳоли;<br>Фарсудагии шабакаҳои обёрикунанда (оби полезӣ); |
| Имкониятҳо | Хатарҳо |
| Сохта ба истифода додани хатҳои нави об;<br>Зиёд намудани майдони кишт;<br>Мавҷудияти корхонаҳои саноатии коркарди пахта;<br>Афзоиши талабот ба маҳсулоти пахта;<br>Азхудкунии заминҳои нав;<br>Таъсиси ҷойҳои нави кори тавассути азхудкунии заминҳои нав;<br>Ҷалби сармояи беруни барои таъсиси корхонаҳои замонавии хурди коркарди меваю сабзавот;<br>Ҷалби маблағ барои азхудкунии заминҳои нав;<br>Ҷудо намудани замин барои рушди соҳаи моҳипарвари;<br>Таъмини аҳоли бо иттилоот ва малакаҳои нави соҳаи боғу токпарварӣ; | Баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ;<br>Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, жола, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд);<br>Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо;<br>Авҷ гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти ноҳия;<br>Боло рафтани сатҳи таваррум;<br>Обхезии дарёи Кофарнихон ва шусташавии заминҳо дар хоҷагиҳои назди соҳил; |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии халқ мансуб ёфта, нақши он дар рушди иқтисодиёти ноҳия ва таъмини амнияти озуқаворӣ баланд арзёбӣ мегардад.

Ноҳия барои истеҳсоли пахта, ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, боғдорӣ, пилла, чорво ва занбӯри асалпарварӣ махсус гардонида шудааст.

Аз зироатҳои техникӣ пахта, кунҷут ва аз зироатҳои ғалладонагӣ гандум, ҷуворимаккаи дон, чормағзи заминӣ парвариш карда мешавад.

Аҳолии ноҳия қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти сабзавот, полезӣ ва мева ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия хоҷагиҳои аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ мебошанд. Вазни қиёси аз ҳама зиёдро дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ муассисаҳои кишоварзӣ дар истеҳсоли пахта ва хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли картошка, мева, шир, гӯшт, тухм, пилла ва пашм ташкил медиҳад.

Соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар миқёси вилоят 5,8 % ва аз рӯи намуди маҳсулот ғалладонагӣ 4,1 %, полезиҳо 9,7 %, сабзавот 5,9 %, картошка 5,7 %, меваҷот 2,5 %, ангур 4,3 %, шир 6,3 %, гӯшт 6 %, тухм 4,3 %, асал 1,5 %, моҳӣ 1 %, пилла 10,8 % ва пашм 10,5 %-ро ташкил дод.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки дар ноҳия нисбати дигар минтақаҳои вилоят ҳосилноки камтар аст. Сабаби ин, бад будани ҳолати мелиоративии заминҳо, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва фарсуда гардидани пойгоҳҳои обкашӣ мебошад.

**Ҳадафи асосии соҳа дар солҳои оянда -** ин беҳтар намудани таъминоти заминҳо бо оби полезӣ ва аз худ намудани заминҳои бекорхобида мебошад.

**Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ**. Ба ҳолати 1 январи соли 2015 дар ноҳия 1 адад хоҷагии зоотпарварӣ, 1 адад хоҷагии ниҳолпарварӣ, 1 адад хоҷагии ҷангал, 1 адад хоҷагии кооперативи истеҳсолии махсуси тухмипарварӣ, 1913 адад хоҷагиҳои кооперативи истеҳсолӣ ва деҳқонии инфиродӣ, 22610 хоҷагии аҳолӣ фаъолият доранд.

**Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ 985 адад техникаву таҷҳизот мавҷуд буда, аз ин 70 фоизаш коршоям (690 адад) ва 30 фоизаш (295 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизот 3% трактори шудгоркунанда (30 адад), 70 % трактори чархдор (955 адад) мебошанд. Иловатан ба ин, дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ 198 адад ядаки тракторӣ мавҷуд аст.

Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизоти мавҷуда маблағи зиёд лозим аст ва таъмири онҳо аз ҳисоби хоҷагиҳо аз имкон берун аст. Воқеан ҳам, сабаби паст шудани даромаднокии хоҷагиҳо нарасидани техника мебошад.

Дар давоми 4 соли охир ба ноҳия 200 адад трактори чархдор ворид гардидааст, ки ба ҳар як трактори воридшуда 63 гектар замини корами рост меояд.

Дар мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникии соҳаи кишоварзӣ нақши аҳолӣ баланд арзёбӣ гардида, шумораи техникаҳои дар тавозуни аҳолӣ буда 635 ададро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №1. Шумораи техникаҳо*

| № | Номгӯи тракторҳо | Шумора | Омода | %- омадагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тасмачарх | 30 | 21 | 70 |
| 2 | Байниқатор чархдор | 149 | 104 | 70 |
| 3 | Нақлиёти чархдор | 806 | 564 | 70 |
| | Ҳамагӣ: | 985 | 689 | 70 |

Яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии соҳа ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ мебошад. Танҳо дар солҳои 2012-2014 аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ бо тариқи шартномавӣ 2 адад техникаи кишоварзӣ аз «Тоҷикагролизинг» ва ташкилоти байналхалқии USAID харидорӣ гардидааст, ки талаботи имрӯзаи хоҷагидоронро қонеъ гардонида наметавонад. Механизми гирифтани техника тавассути «Тоҷикагролизинг» бо 30 % пешпардохти маблағ сурат гирифта, аз ташкилоти байналхалқии USAID бошад, тавассути истифода хизматрасонии Ташкилоти қарздиҳии хурди «Имон интернешл» (то 18 фоизи солона) ба анҷом расонида мешавад. Хизматрасонии ташкилоти байналхалқии USAID бо он фарқ мекунад, ки ҳангоми гирифтани техникаи лизингӣ дар базаи хоҷагии деҳқонӣ бояд маҳсулоти алоҳида (бо истифодаи маводҳои худи ташкилот) кишт карда шавад ва баъди анҷоми кор қариб 20 фоизи маблағи лизинг аз ҷониби худи USAID пардохт карда мешавад.

**Мушкилиҳои мавҷуда:**

- суст будани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои тракторӣ оид ба таъмири техника;
- норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ;
- аз мӯҳлати муқарраргардида бештар истифода гардидани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии техникаҳо);
- суст будани таъминот бо техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон.

**Истифодаи заминҳо.** Аз рӯи маълумоти расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 майдони умумии заминҳои ноҳия 184763 гектар ва шумораи заминистифодабарандагон 1920 нафар ба қайд гирифта шудааст. Заминҳои қобили истифодаи корхонаҳои кишоварзи 108583 гектарро (аз ин 19409 га обӣ) ташкил медиҳад, 5191 замини наздиҳавлигӣ, 1543 га замини ёрирасони шахсӣ (1543 га обӣ), 13211 га ҷангалу бешазор, 4214 га буттазор, 118 га ботлоқзор, 4388 га замини зери обӣ, 1602 га роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар, 1473 га замини зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳҳо ва 44440 га дигар заминҳо мебошанд.

Аз майдони умумии дарахтони бисёрсола 2370 га боғот (1497 га обӣ), 418 га токзор, 345 га тутзор, 259 га дарахтони ситрусӣ ва субтропикӣ мебошанд.

*Ҷадвали № 2. Сохтори истифодаи замин*

| № | Категория | Миқдор (га) |
|---|---|---|
| 1 | Заминҳои кишоварзӣ (аз ҷумла чарогоҳҳо) | 108583 |
| | Аз ҷумла обӣ | 23961 |
| 2 | Заминҳои наздиҳавлигӣ | 5191 |
| 3 | Заминҳои ёрирасони шахсӣ | 1543 |
| | Аз ҷумла обӣ | 1543 |
| 4 | Ҷангалу бешазор | 13211 |
| 5 | Заминҳои зери обмонда | 4388 |
| 6 | Роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар | 1602 |
| 7 | Замини зери бино ва иншоотҳо, кӯчаҳо ва майдонҳо | 1473 |
| 8 | Буттазор | 4214 |
| 9 | Ботлоқҳо | 118 |
| 10 | Дигар заминҳо | 44440 |
| | Ҳамагӣ: | 184763 |

Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти пахта, картошка, сабзавот. полезӣ, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд.

Заминҳои корам умуман 100 % обёришаванда мебошанд ва ин омил барои гирифтани ҳосили хуб мусоидат менамояд. Аммо мушкилот дар таъминоти мунтазами

об, хусусан дар вақти инкишофи асосии растаниҳо мушоҳида мегардад, ки ин тартиб дар навбати худ мушкилиҳои обкашӣ ва низоми худҷорӣ таъмин карда мешавад, ки ин тартиб дар навбати худ мушкилиҳои зиёди техникӣ ва молиявиро ба амал меоварад. Пардохти маблағи хизматрасонии об ва қувваи барқ ҳангоми кори истгоҳҳо сарфшаванда сари вақт пардохт карда намешавад ва ин ба сифати пешниҳоди хизматрасониҳои соҳаи обтаъминкунӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Заминҳои ғайрикишоварзӣ 76180 гектар ё 41,2 %-и масоҳати умумии заминҳои боирро ташкил медиҳанд. Ҷиҳати рушди кишоварзӣ, хусусан барои рушди соҳаи чорводорӣ, дар ноҳия 13211 гектар ҷангал мавҷуд мебошанд, ки 117 гектар ё 0,9 % онҳо обёришаванда буда, дарояндаи наздик дар асоси барномаи рушди ноҳия бояд самараноктар истифода гарданд.

*Диаграммаи №1. Сохтори истифодаи умумии замини кишоварзӣ (ба ҳисоби %)*




Дигар заминҳо 44440 гектарро ташкил медиҳанд, ки онҳо умуман беҳосил буда, мутанасибон 58,3 %-и заминҳои боирро ташкил менамоянд. Истифодаи як қисми заминҳои мазкур дар давоми солҳои 2016-2020 барои пешбурди корҳои сохтмонӣ дар назар аст ва ин метавонад яке аз манбаъҳои ғанӣ гардонидани буҷаи ноҳия гардад.

*Диаграммаи №2. Истифодаи замин аз рӯи кишти зироатҳо дар соли 2014 (дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ)*



Дар соли 2014 майдони кишти зироатҳо ҳиссаи зиёдро кишти пахта 57,8 фоиз, ғалладонагиҳо 20,5 фоиз ва дигар зирооатҳо 21,7 фоизро ташкил менамояд.

Дар солҳои охир ҳаҷми майдонҳои барои кишти пахта ва зироатҳои хӯрокӣ чорво ҷудогардида кам гардида, ҳаҷми умумии майдони боғҳо, ғалладонагиҳо, сабзавот ва полезӣ зиёд гардидааст.

Сабаби камшавии майдони кишти пахта, дар навбати аввал, ба сатҳи пасти нархи пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ дар солҳои 2011-2014 алоқаманд буд, ки дар натиҷаи он самаранокии пасти истеҳсолот, пастшавии ҳосилнокӣ бо сабаби ботлоқшавӣ ва шӯршавию эрозияи замин) мушоҳида гардид.

*Диаграммаи №3. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2011-2014 (млн. сомонӣ)*




**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он**. Дар давоми солҳои 2011-2014 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 2092,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 1448,3 млн. сомонӣ ба соҳаи растанпарварӣ ва 643,7 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Истеҳсоли умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия сол то сол афзуда истодааст. Хусусан дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ ин болоравӣ равшан ба назар мерасад.

Дар соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 433 млн. сомониро ташкил дод, ки ин дар муқоиса бо соли 2013 ба андози 1,1 % зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2014 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 68 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи дурнамо тадриҷан зиёд намудани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун манбаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия пешбинӣ гардидааст.

Дар сурати беҳтар намудани таъминоти заминҳои ноҳия бо оби полезӣ ҳаҷми истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ метавонад зиёд шавад. Мутаассифона, заминҳои корами хоҷагиҳо ва маҳалҳои аҳолинишини ин минтақа бо сабаби баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ сол аз сол кам шуда истодааст.

Дар давоми солҳои охир истеҳсоли маҳсулоти полезӣ, сабзавот ва картошка низ афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти полезӣ дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 111 % ва сабзавот 123 % зиёд гардидааст.

Аҳолии ноҳия асосан ба парвариши сабзӣ, пиёз, помидор, картошка машғул буда, даромаднокии қисми алоҳидаи аҳолӣ аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ таркиб меёбад. Минтақаҳои сабзавоткории ноҳия асосан ҷамоатҳои деҳоти «20 солаги Истиқлолият» ва Тахти Сангин буда маҳсулотҳои полезӣ бошад, бисёртар дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти ба номи У.Назаров ва Носир Хусрав парвариш карда мешаванд.

*Ҷадвали №3. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи кишоварзӣ*

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбати с 2011 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Ҳамагӣ кишт (гектар): | 16984 | 17779 | 16956 | 15961 | 94 |
| Ғалладона ва лубиёгиҳо (бо ҷуворимакка) | 5005 | 5693 | 5078 | 4617 | 92 |
| Пахта | 7240 | 7513 | 7750 | 7145 | 99 |
| Картошка | 503 | 609 | 603 | 552 | 110 |
| Сабзавот | 1304 | 1626 | 1443 | 1486 | 114 |
| Полезӣ | 1125 | 1158 | 1131 | 1193 | 106 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | 1486 | 1194 | 951 | 968 | 65 |
| Истеҳсол: | | | | | |
| Ғалла (бо ҷуворимакка) | 33113 | 36252 | 39370 | 34097 | 103 |
| Пахта | 15548 | 17600 | 17000 | 17240 | 111 |
| Картошка | 13795 | 14355 | 16741 | 12941 | 94 |
| Сабзавот | 40536 | 41306 | 46823 | 50015 | 123 |
| Полезиҳо | 37105 | 33729 | 41071 | 41072 | 111 |
| Меваҷот | 3055 | 3130 | 3191 | 3433 | 112 |
| Ангур | 3699 | 3781 | 3784 | 3787 | 102 |

Дар давоми солҳои 2011-2014 майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои хоҷагидорӣ аз ҳисоби обёрии заминҳои нав каму беш зиёд гардидааст. Аммо дар баробари ин ҳосилнокии замин бо сабаби шӯршавии хок аз ҳисоби баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ паст шуда истодааст. Дар ноҳия заминҳои обёришаванда бисёр мебошад ва дар ҳолати ба истифодаи кишоварзӣ баргардонидани онҳо имконияти зиёд шудани ҳаҷми маҳсулот ва бунёди боғҳои нав мавҷуд аст.

Новобаста аз болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ даромаднокии хоҷагиҳо дар давоми ин солҳо кам шудааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда наметавонад талаботи дохилии ноҳияро қонеъ гардонад. Дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи ғалладонагӣ, сабзавот ва мевагӣ зиёдтар аст.

**Нақши кишоварзӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ.** Соҳаи кишоварзии ноҳияи Қубодиён бахши муҳими таъминкунандаи аҳолии ноҳия бо маводи озуқаворӣ, ҷойҳои корӣ ва манбаи гирифтани даромад мебошад. Дар ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ 82 % аҳолии қобили меҳнат (22100 нафар, ки аз он 70 % -ро занон ташкил медиҳанд) машғул мебошанд.

Ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолгардидаи кишоварзӣ дар соли 2014 - 636,3 млн. сомониро ташкил дод, ки ин 70 % ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолнамудаи ноҳияро ташкил медиҳад. Тибқи нишондиҳандаҳои расмӣ дар соҳаи кишоварзӣ 42 % аҳолӣ (асосан дар бахши боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва парвариши полезӣ) машғул мебошанд. Ҳамзамон, 88 % ҳиссаи маҳсулоти дар соҳаи растанипарварӣ истеҳсолгардида ба зиммаи бахши хусусӣ (хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва заминҳои ёрирасон) рост меояд, 122 % онро бошад, ҳиссаи бахши ҷамъиятӣ (хоҷагиҳои коллективӣ) ташкил додааст.

*Ҷадвали №4. Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (с/га)*

| Ҳосилнокӣ | Солҳо | | | | С 2014 нисбати соли 2011 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Пахта | 21,4 | 23,4 | 22,0 | 24,1 | 112 |
| Ғалладонагиҳо (бо якҷоя кишти такрорӣ) | 66 | 64 | 77 | 74 | 112 |
| Сабзавот | 310 | 254 | 324 | 336 | 108 |
| Полезӣ | 330 | 291 | 363 | 344 | 104 |
| Картошка | 274 | 236 | 278 | 234 | 85 |
| Мева | 58 | 75,0 | 55 | 60 | 103 |
| Ангур | 50 | 74 | 53 | 53 | 106 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолгардидаи кишоварзӣ асосан аз ҳисоби зиёд намудани майдон барои кишти зироатҳо ҷудогардида

ба вуҷуд меоянд, гарчанде дар баъзе ҳолатҳо афзоиши ҳаҷми маҳсулот аз ҳисоби афзоиши ҳосилнокӣ асосан дар бахши боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва полезиҳо рушд меёбад.

Гарчанде дар солҳои охир афзоиши истеҳсоли пахта, ғалладонагиҳо ва мева аз ҳисоби ба роҳ мондани тарзи экстенсивии кишоварзӣ, яъне аз ҳисоби зиёд намудани майдони кишт мушоҳида гардад ҳам, дар солҳои охир нисбат ба солҳои 2011-2014 баландшавии ҳосилнокии зироатҳои сабзавот ва полезӣ ба назар мерасад. Сабабҳои асоси баландшавии ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ, дар навбати аввал, дуруст ва самаранок истифода бурдани замин ва тухмиҳои репродуксионии минтақабоб мебошад.

Монеаҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ дар солҳои охир сатҳи баланди қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор дар назди хоҷагии об, мақомоти андоз, тағйирёбии нархи пахта ва чун натиҷа, пастшавии даромад ва набудани ҳавасмандии хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад.

Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ ба номутобиқатии идоракунии захираҳои обӣ ва ҳолати баъди мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, мавҷуд набудани мубориза и муташаккилона бар зидди ҳашароти зараррасон, набудани хадамоти машваратӣ оид ба масъалаҳои агротехникаи парвариши зироатҳо ва ворид намудани технологияҳои нав, воридоти маводи нави тухмӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошад.

**Растанипарварӣ.** Растанипарварӣ яке аз соҳаҳои фоидаовари хоҷагиҳои ноҳия ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, ба инкишофи ин соҳаи кишоварзӣ сол то сол аҳамияти хоса дода мешавад.

*Ҷадвали № 5. Нишондиҳандаҳои соҳаи растанипарварӣ (тонна)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбати соли 2011 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Ғалладонагиҳо | 33113 | 36252 | 39370 | 34097 | 103 |
| Сабзавот | 40536 | 41306 | 46823 | 50015 | 123,4 |
| Полезӣ | 37105 | 33729 | 41071 | 41072 | 110,7 |
| Картошка | 13795 | 14355 | 16741 | 12941 | 93,8 |
| Меваҷот | 3055 | 3130 | 3131 | 3433 | 112,4 |
| Ангур | 3699 | 3781 | 3784 | 3787 | 102,4 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | 16918 | 22447 | 18223 | 19717 | 116,5 |
| Зироатҳои техникӣ | 15633 | 17600 | 17000 | 17240 | 110,3 |

*Диаграммаи №4. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ таи солҳои 2016-2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (тонна)*



| | Ғалла | Пахта | Картошка | Сабзавот | Полезӣ | Меваҷот | Ангур |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2016 | 36170 | 17900 | 13700 | 51500 | 42500 | 3630 | 4000 |
| 2017 | 37250 | 18300 | 14100 | 53045 | 43700 | 3730 | 4100 |
| 2018 | 38300 | 18800 | 14500 | 54600 | 44500 | 3840 | 4200 |
| 2019 | 39372 | 19300 | 14900 | 55100 | 45300 | 3950 | 4300 |
| 2020 | 40474 | 19800 | 15400 | 56600 | 46100 | 4060 | 4400 |

Дар ин давра ноҳия ба миқдори 34097 тонна ғалла, 17240 тонна пахта, 50015 тонна сабзавот, 12941 тонна картошка, 41072 тонна полезӣ, 3433 тонна меваҷот, 3787 тонна ангур истеҳсол намудааст.

Дар ноҳия маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум истеҳсол карда мешавад. Дар сохтори майдонҳои кишти ноҳия барои кишти пахта ҳиссаи майдонҳои зиёдтар боқӣ мемонад.

Дар соли 2015 барои парвариши пахта 57 фоиз ва барои кишти зироатҳои ғалладонагӣ 22,8 фоизи майдонҳои кишт ҷудо карда шудааст.

*Диаграммаи №5. Дурнамои майдони кишти заминҳо*
*дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (га) таи солҳои 2016-2020*



| | Ғалла | Пахта | Картошка | Сабзавот | Полезӣ | Хӯроки чорво | Мевагӣ | Ангур |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2016 | 4900 | 7500 | 585 | 1575 | 1265 | 1030 | 600 | 760 |
| 2017 | 5050 | 7700 | 600 | 1622 | 1318 | 1060 | 630 | 780 |
| 2018 | 5200 | 7900 | 618 | 1670 | 1360 | 1092 | 650 | 800 |
| 2019 | 5350 | 8100 | 636 | 1710 | 1400 | 1122 | 670 | 820 |
| 2020 | 5500 | 8300 | 654 | 1750 | 1440 | 1152 | 690 | 840 |

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан соҳаи растанипарварӣ дар давоми солҳои 2011-2014 аз рӯи нишондиҳандаҳои расмӣ рушд намуда истодааст. Ин тамоюл асосан дар истеҳсоли сабзавот, мевагӣ ва зироатҳои техникӣ мушоҳида мешавад.

*Ҷадвали № 6. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ*
*дар солҳои 2011-2014 (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | с2014 нисбати с2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Ғалладонагиҳо | 63,6 | 69,6 | 56,9 | 59,9 | 94 |
| Сабзавот | 81,0 | 82,6 | 68,4 | 130,4 | 160 |
| Полезӣ | 40,8 | 37,1 | 41,0 | 42,0 | 103 |
| Картошка | 27,6 | 28,7 | 26,7 | 42,8 | 155 |
| Мевагӣ | 15,2 | 15,6 | 9,4 | 21,8 | 143 |
| Ангур | 9,8 | 10,0 | 18,9 | 29,4 | 3,0 бар |
| Зироатҳои техникӣ | 53,1 | 59,8 | 59,0 | 53,7 | 101 |

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ (дар шакли натуралӣ) низ сол то сол афзоиш ёфтааст. Ин афзоиш гарчанде ба талаботи меъёрии кишоварзӣ мувофиқ набошад ҳам, лекин дар давоми солҳои 2011-2014 истеҳсоли маҳсулоти сабзавот, полезӣ мевагӣ, ангур дар шакли натуралӣ зиёд гаштааст.

**Пахтакорӣ.** Пахта барои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия яке аз зироатҳои даромаднок ба ҳисоб меравад. Истеҳсол ва фурӯши пахта дар ноҳия ба як қатор мушкилиҳо дучор гардидааст. Дар ноҳия асосан ҳамаи хоҷагиҳои ҷамоавӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ба парвариши пахта машғул мебошанд.

Дар соли 2014 барои рушди ин соҳа ҳаҷми майдони кишт ба 7146 гектар расонида шуд. Дар соли 2012 истеҳсоли пахта 17600 тонна, дар соли 2013 мутанасибан ба 17000 тонна нисбат ба соли 2012 - 600 тонна кам мебошад.

Барои ҳавасманд намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ба парвариши пахта ва зиёд намудани истеҳсоли он, пеш аз ҳама, лозим аст, ки ба соҳаи пахтакорӣ маблағгузорӣ аз тариқи бонкҳо бе миёнаравҳо ба роҳ монда шуда, фурӯши пахта ба корхонаи дилхоҳ ва раванди бастани шартномаҳо озод бошад. Ба роҳ мондани истеҳсоли зиёди пахта метавонад даромаднокии хоҷагиҳоро дучанд намуда, ҷойҳои нави кориро ба вуҷуд оварад ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Айни замон, дар ноҳия хоҷагиҳои деҳқоние ҳастанд, ки ҳосилнокии пахтаро то 45-50 сентнер расонида, аз он фоидаи зиёд ба даст овардаанд.

**Боғдорӣ.** Дар доираи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди боғдорию ангурпарварӣ ва парвариши ниҳолҳои сояафкану мевадиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2014» дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 1100 гектар боғи нав бунёд карда шуд, ки дар оянда ба 10000 тонна (аз рӯи ҳосилнокии 15-20 ц\га) афзудани истеҳсоли мева мусоидат менамояд.

Аз 3470 гектар майдони умумии дарахтони бисёрсола 360 гектарашро ангурзор ташкил менамояд. Аз масоҳати умумии қитъаҳои наздиҳавлигӣ 1700 гектари он аз дарахтони бисёрсола иборат аст.

Мушкилоти асосие, ки ба рушди бахши меваю сабзавот таъсири манфӣ мерасонад ва ба талафоти маҳсулот оварда мерасонад, ин нархи гарони сӯзишворию равғанҳои молиданӣ ва заҳрхимикатҳо, набудани чораҳои мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, маҳдудияти бозори фурӯш, таҷҳизоти фарсудагаштаи корхонаҳои мавҷудаи коркард, норасогии дастгирии иттилоотию машваратӣ, ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии боғҳо, набудани технологияи коркард ва хушкгардонидани маҳсулоти меваю сабзавот мебошад.

Дар ноҳия ташкилотҳое, ки хизматрасониҳои иттилоотию машваратӣ анҷом медиҳанд, вуҷуд надоранд. Машваратро оид ба масъалаҳои кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ мутахассисони ассотсиатсияҳои мавҷуда пешниҳод менамоянд, ки ин ба талаботи муосир мутобиқ нест. Бозори пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба таъминоти воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ умуман вуҷуд надорад. Омили дигари муҳиме, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири бевосита мерасонад, ин сатҳи пасти дастрасии хоҷагиҳо ба қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат мебошад.

**Чорводорӣ.** Соҳаи мазкур дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни киёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 31,9 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2014 хоҷагиҳои чорводории ноҳия 203,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

*Ҷадвали №7. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2011-2014*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбати соли 2011 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Гӯшт | тонна | 4554 | 4945 | 5415 | 6250 | 137 |
| Шир | тонна | 19745 | 21308 | 23440 | 25720 | 130 |
| Тухм | ҳаз.дона | 1917 | 1991 | 2428 | 2597 | 135 |
| Пилла | тонна | 44,7 | 45 | 52,0 | 38,8 | 87 |
| Асал | тонна | 10,2 | 10,6 | 13,3 | 13,3 | 130 |
| Пашм | тонна | 421 | 426 | 464 | 470,4 | 112 |
| Моҳӣ | тонна | - | - | 17,2 | 15,4 | |

Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи чорводорӣ тибқи дурнамои рушди соҳа то соли 2020 ин давра ба давра зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мебошад.

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 дар ноҳия ҳамагӣ 41022 сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шудааст, ки аз 22805 сарро модагов ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №8. Саршумори чорво дар солҳои 2012-2014 (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | |
| | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ |
| Чорвои калони шохдор | 40613 | 1693 | 38920 | 40636 | 1697 | 38939 | 41022 | 1719 | 39303 |
| аз он ҷумла модагов | 22560 | 427 | 22133 | 22577 | 444 | 22133 | 22805 | 464 | 22341 |
| Бузу гӯсфанд | 83668 | 17965 | 65703 | 85763 | 20555 | 65208 | 90803 | 22076 | 67727 |
| Асп | 1178 | 30 | 1148 | 1178 | 30 | 1148 | 1219 | 30 | 1189 |
| Парранда | 74695 | 3137 | 71558 | 74705 | 3147 | 71558 | 75715 | 3154 | 72561 |
| Занбӯри асал (оила) | 554 | 67 | 487 | 658 | 70 | 588 | 728 | 70 | 658 |

Зиёд намудани саршумори чорво яке аз ҳадафҳои асосии рушди соҳа дар давраи то соли 2020 маҳсуб ёфта, баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ нигаронида шудааст.

Умуман, дар ноҳия фурӯши чорвои калони шохдор ва фурӯши бузу гӯсфанд танҳо хоҷагиҳои хонаводагӣ машғул мебошанд. Дар ноҳияи Қубодиён хоҷагии зоотпарварӣ фаъолият дорад. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия 3 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ вуҷуд дорад ва дар айни ҳол фаъолият намекунад.

Дар ноҳияи барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст (48,3 %-и майдони умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо 89224 га) ва ҳамаи хоҷагиҳои чорводории ноҳия бо чарогоҳҳои зимистона таъмин мебошанд.

Мушкилии асосӣ барои хоҷагиҳои чорводор набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ аст. Таъсиси корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва пашм бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия дарояндаи наздик аст. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар таъмини аҳолӣ ба ҷойи нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия мусоидат менамояд.

**Коркарди пӯст ва пашм.** Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм) бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи маҳаллӣ, ҷиҳати пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ, аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани истеҳсоли содиротии ноҳия, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳамияти иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашми дар ноҳия мавҷудбуда, аз сабаби набудани нуқтаҳои қабул ва коркард истифода намегардад. Бо ин мақсад тибқи «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» таъсиси корхонаи коркарди пашм дар назар дошта шуда, айни ҳол ҶДММ «Саид-истеҳсол» оиди ба истифода додани корхонаи коркарди пашм, тибит, торак ва пат дар ҷамоати деҳоти ба номи И.Ниёзов дар арафаи ба истифодадиҳӣ мебошад.

**Паррандапарварӣ.** Дар ноҳия 75715 сар парранда ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 4,2 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 95,8 фоиз ба аҳолӣ рост меояд. Мутаассифона, то кунун фаъолият намекунад. Айни замон имконияти ба кор даровардани фабрикаи

мазкур мавҷуд буда, дар натиҷаи фаъолият кардани он ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, иқтидорҳои нави истеҳсолӣ зиёд мегардад.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳияи Қубодиён барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои маҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Солҳои охир соҳаи мазкур дар ноҳия рушд ёфта, истеҳсоли он тадриҷан зиёд шудааст. Истеҳсоли асал аз 10,6 тоннаи соли 2012 ба 13,3 тонна дар соли 2014 расонида шудааст, ки ин 125 фоизро ташкил намуда, зиёд намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия аст.

**Соҳаи бойторӣ.** Рушди соҳаи чорводорӣ, асалпарварӣ ва паррандапарварӣ аз хадамоти бойторӣ ҷиҳати саривақт пешгири намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад.

Дар ноҳия як идораи бойтори 1 адад клиникаи хусуси бойторӣ, 3 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ ва 2 адад дорухонаҳои бойторӣ фаъолият дорад.

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои карасон (эмкар), зардкасал (лептоспироз), хорӣ (бешенство), вабои сумдарди ҳайвонот, сил ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда, ҳамзамон мурғони хонагӣ (псевдочума) ба мушоҳида мерасад.

Маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда сӯхтани 57 %, вабои сумдард 118 %, гули моли майда 56 %, барои ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор маблағҳои эпизотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, музди меҳнати паст, баланд будани нархи доруворӣ ва таъмин набудан ба ваксинаҳо ва доруҳои дезинфексионию дезинексионӣ мебошад.

Дар соли 2014 бо мақсади беҳтар намудани таъминоти клиникаҳои бойтории хусусӣ (1 адад) бо таҷҳизотҳои лозимии замонавӣ аз ҷониби Ассотсиятсия бойторони Тоҷикистон (АБТ) кӯмакҳои моддӣ расонида шуд. Мутаассифона, дигар муассисаҳои соҳа дар шароити номувофиқи корӣ фаъолият намуда, ба чунин кӯмак ва дастгириҳо эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин аз 4 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъие, ки дар сатҳи ҷамоатҳо мавҷуданд, танҳо як адади онҳо пурра фаъолият мекунаду халос. Нарасидани азот ва нутфа барои беҳтар намудани зоти чорвои аҳолӣ яке аз мушкилотҳои асосии соҳа маҳсуб меёбад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии бойторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инфексионӣ, инвазионӣ, дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

Беҳтар намудани хизматрасонии бойторӣ, ташкил намудани ҷойҳои махсус барои забҳ (ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим), гуронидан ва сӯзонидани чорвои талафёфтаи шубҳанок, дорои касалии сироятӣ (яма Беккерӣ) ва дар ин замина нигоҳ доштани тозаги аз ифлосшавии муҳити атроф яке аз самтҳои асосии барнома дар панҷ соли оянда мебошад. Дар ҷамоатҳои ноҳия барои безарар гардонидани чорвои фавтида ҷои махсус (яма Беккерӣ) вуҷуд надорад.

Маҳдуд будани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилии ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи бойторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

**Моҳипарварӣ.** Рушди соҳаи моҳипарварӣ дар қатори дигар бахшҳои кишоварзӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва дар ин замина нигоҳдории солимии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Маҳсулоти моҳӣ на танҳо

дар таъмини амнияти озуқаворӣ, балки дар рушди соҳаи форматсефтика ва баркарорсозии тансиҳатии аҳолӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Яке аз хусусиятҳои хоси ноҳия нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар дар он зоҳир мегардад, ки базаи истеҳсол ва парвариши моҳӣ дар ноҳия мавҷуд мебошад.

Иқлими мусоид ва шароити мувофиқи ноҳия имконият медиҳад, ки дар ин ҷо намудҳои гуногуни моҳӣ, аз қабилӣ капур (карп), амури сафед (белый амур) ва пешони паҳми сафед (толста лоб) истеҳсол ва парвариш карда шавад.

Ҷойгир будани ноҳия дар канори дарёи Вахш ва Кофарниҳон барои бунёди ҳавзҳо ва ташкили хоҷагиҳои моҳипарварӣ шароити мусоидро фароҳам меорад. Дар ноҳия 5 хоҷагии моҳипарварии махсусгардонида ташкил карда шудааст.

Бо мақсади рушди соҳаи мазкур қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 №306 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2009-2015» қабул карда шудааст, аммо дар ноҳия истеҳсоли моҳӣ дар соли 2014 - 15,4 тоннаро ташкил менамояд, ки ин нисбати соли 2013 89,5 фоизро дар бар мегирад.

**Системаи обёрии заминҳои кишоварзӣ**

Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои асосии ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии ноҳия маҳсуб меёбад. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намояд.

Дар ноҳия каналҳои Катта, Ҳаёт, Чирик ва Қабла фаъолият мекунад. Дар тавозуни Идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия 13 адад пойгоҳҳои обкашӣ мавҷуд аст.

Дар таъминоти захираҳои об ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ мушкилотҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳалли онҳо рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзиро муайян месозад.

Яке аз хусусиятҳои хоси ноҳия нисбати дигар минтақаҳои вилоят дар он аст, ки як қисми заминҳои ноҳия дар пастии 2-3 метр аз сатҳи дарёи Кофарнихон ҷойгир шудааст. Аз ин ҳисоб сатҳи обҳои зеризаминӣ хеле баланд буда, боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва вазъи экологӣ гардидааст. Ҳоло 1432 гектар замини кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ буда, зиёда аз 134 гектар замин дар ҳолати шӯршавӣ қарор дорад.

Дар ноҳия майдони умумии заминҳои обии кишоварзӣ 17,1 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Тибқи кадастраи ҳисоботи ОВХ-1 заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш 10495 га, ғайриқаноатбахш 1432 га буда, 44,2 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ (аз он дар ҳолати ғайриқаноатбахш 5 км), 326,7 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ (аз он 126 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) мавҷуд мебошанд. Шумораи умумии чоҳҳои назоратӣ дар ноҳия 65 ададро ташкил дода, аз ин 30 адад дар ҳолати корношоям қарор дорад.

Каналҳои обтаъминкунии байнихоҷагии ҳудуди ноҳия 135,8 км буда, 21,3 фоизи он (29 км) дар ҳолати ғайриқаноатбахш мебошад. Каналҳои дохили хоҷагӣ 394,5 км-ро ташкил медиҳанд. Аз масоҳати умумии каналҳои мавҷуда 501,3 км он дар ҳолати қаноатбахш ва 29 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад.

Дар ҳудуди ноҳия заминҳои обӣ тавассути наҳрҳо ва пойгоҳҳои обкашӣ обёри карда мешаванд ва аз сабаби суст будани низоми маблағгузори, кӯҳнаву фарсуда шудани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда солҳои охир қариб 1096 га заминҳои обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст (дар ҷамоатҳои деҳоти Заркамар 41 гектар, У.Назаров 18 гектар, И.Ниёзов 347 гектар, Н.Хусрав 170 гектар, 20 солагии Истиқлол 211 гектар, Тахти Сангин 150 гектар ва Навобод 159 гектар).

Зиёда аз 9991 га замини кишти ноҳия тавассути пойгоҳҳои обкашӣ бо оби полезӣ таъмин карда мешаванд. Бештари пойгоҳҳо, аз сабаби саривақт таъмир нагардидан кӯҳнаву фарсуда шудаанд, тез тез аз кор мебароянд, ки ин ҳолат барои хоҷагиҳо дар таъмини саривақтии киштзорҳо бо оби полезӣ мушкилоти иловагиро ба вуҷуд меорад.

Истифодаи об аз каналҳо аз ҷониби хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст ва дар бисёр ҷойҳо каналҳо аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ худсарона сӯрох карда шуда, боиси талафоти оби полезӣ мегардад. Дар натиҷа сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд шуда,

ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад. Дар натиҷаи истифодаи дарозмӯҳлат иншоотҳои обтақсимкунӣ низ фарсуда гаштаанд. Аз рӯи ақидаи коршиносони маҳаллӣ сатҳи талафот ва бухоршавии об дар ноҳия ба ҳисоби миёна 25 фоизро ташкил менамояд.

*Ҷадвали №9. Ҳолати пойгоҳҳои обкашӣ дар соҳаи кишоварзӣ*

| № | Номгӯи ҷамоатҳои деҳот | Ҳамагӣ | Омодаи кор | Таъмирталаб | Миқдори заминҳое, ки об медиҳанд (гектар) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Заркамар | 8 | 3 | 5 | 1860 |
| 2 | У. Назаров | 8 | 4 | 4 | 1700 |
| 3 | И. Ниёзов | 3 | 2 | 1 | 300 |
| 4 | Н. Хусрав | 10 | 7 | 3 | 1840 |
| 5 | 20-с Истиқлол | 8 | 4 | 4 | 468 |
| 6 | Тахти Сангин | 8 | 6 | 2 | 1883 |
| 7 | Навобод | 2 | 2 | - | 1940 |
|  | Ҷамъ: | 47 | 28 | 19 | 9991 |

Сабаби асосии бад шудани ҳолати мелиоративи заминҳо ин саривақт нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ мебошад.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдоштаи соҳа дар ноҳия тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2009 № 612 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» дар давоми ду соли охир ҳолати мелиоративии заминҳои ноҳия беҳтар карда шудааст.

Дар давоми ду соли охир 517 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия бо коркарди заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати бади мелиоративи ба ҳолати қаноатбахш гузаронида шудааст. Хароҷоти маблағҳо дар ин самт дар ду сол аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 371 ҳазор сомонӣ ва ҳаққи хизмати обрасонӣ 82 ҳазор сомониро ташкил додааст.

*Диаграммаи №8. Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ дар тӯлӣ солҳои 2013-2014*




Дар ду соли охир 38 км заҳбуру заҳкашҳои ноҳия тоза гардида, 517 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия ба ҳолати қаноатбахши мелиоративӣ баргардонида шуданд, ки 2,15 фоизи заминҳои умумии обии кишоварзии ноҳияро ташкил медиҳад ва зарурияттро ба 100 фоиз расонидани ин нишондод дар асоси қоидаҳои дурусти гидротехникӣ талаб карда мешавад.

Мувофиқи меъёрҳои муқараргардидаи гидротехникӣ дар се сол як маротиба заҳбуру заҳкашҳо аз лою гил тоза карда мешаванд, то ин ки ҳолатии хуби мелиоративии заминҳо нигоҳ дошта шавад. Аммо на ҳамеша ин меъёр риоя карда мешавад.

Дар мавзеи деҳаи Полвонтуғай ҷамоати деҳоти ба номи Носир Хисрав аз сабаби кор накардани пойгоҳи мелиоративии 910 га замини кишоварзии оби дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад.

Бо мақсади беҳтар гардонидани ҳолатии мелиоративии заминҳо, тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия барои солҳои 2014-2015 нақша чорабиниҳои тирамоҳию зимистонӣ тасдиқ гардидааст.

*Ҷадвали №10. Маблаггузорӣ барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар тӯли солҳои 2013-2014*

| т\р | Манбаи маблағгузорӣ | Соли 2013 | | | Соли 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳаҷми кор км/ ҳм3 | Маблағ ҳаз. сомонӣ | Беҳтар намудани ҳолати мелиоратывии заминҳо, гектар | Ҳаҷми кор км/ ҳм3 | Маблағ ҳазор сомонӣ | Беҳтар намудани ҳолати мелиоратывии заминҳо, гектар |
| I. Ҷамоати деҳоти Навобод | | | | | | | |
| 1.Тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои байни хоҷагӣ | | | | | | | |
| | Буҷаи маҳаллӣ | 4,58\31,2 | 74,22 | 85 | 1\5 | 16 | 14 |
| | Ҳаққи хизмати обрасонӣ | - | - | - | - | - | - |
| | Ҷамъ | 4,58\31,2 | 74,22 | 85 | 1\5 | 16 | 14 |
| II. Ҷамоати деҳоти Тахти сангин | | | | | | | |
| 1.Тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои байни хоҷагӣ | | | | | | | |
| | Буҷаи маҳаллӣ | 5,7\31 | 65 | 72 | 4\20 | 33 | 30 |
| | Ҳаққи хизмати обрасонӣ | - | - | - | 2,2\6 | 30 | 43 |
| | Ҷамъ | 5,7\31 | 65 | 72 | 6,2\26 | 63 | 73 |
| III. Ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлол | | | | | | | |
| 1.Тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои байни хоҷагӣ | | | | | | | |
| | Буҷаи маҳаллӣ | - | - | - | 6\30 | 74 | 68 |
| | Ҳаққи хизмати обрасоній | - | - | - | 1\4,25 | 12 | 17 |
| | Ҷамъ | - | - | - | 7\34,25 | 86 | 85 |
| IV. Ҷамоати деҳоти Носир Хисрав | | | | | | | |
| 1.Тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои байни хоҷагӣ | | | | | | | |
| | Буҷаи маҳаллӣ | 2,44\15,8 | 50,7 | 52 | - | - | - |
| | Ҳаққи хизмати обрасонӣ | 1,8\9,1 | 29 | 28 | 0,7\1,68 | 3 | 10 |
| | Ҷамъ | 4,24\24,9 | 79,7 | 80 | 0,7\1,68 | 3 | 10 |
| V. Ҷамоати деҳоти Ишмурод Ниёзов | | | | | | | |
| 1.Тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои байни хоҷагӣ | | | | | | | |
| | Буҷаи маҳаллӣ | - | | - | 6\30,4 | 54,6 | 52 |
| | Ҳаққи хизмати обрасонӣ | - | - | - | - | - | - |
| | Ҷамъ | | | | 6\30,4 | 54,6 | 52 |
| VI. Ҷамоати деҳоти Утақара Назаров | | | | | | | |
| 1.Тоза намудани заҳбуру заҳкашҳои байни хоҷагӣ | | | | | | | |
| | Буҷаи маҳаллӣ | - | - | - | - | - | - |
| | Ҳаққи хизмати обрасонӣ | 2,2\12 | 32 | 34 | 0,8\3 | 12 | 12 |
| | Ҷамъ | 2,2\12 | 32 | 34 | 0,8\3 | 12 | 12 |

Майдони умумии заминҳое, ки тавассути иншоотҳои обтаъминкунии дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунии ноҳияи Қубодиён буда, обёрӣ карда мешавад беш аз 17100 гектарро ташкил медиҳад. Дарозии умумии каналҳои обёрӣ 530,3 км – ро ташкил дода, аз ин ба ҳолати 1 январи соли 2014 беш аз 40 фоиз (212 км) тоза гардидаасту халос.

*Ҷадвали №11. Иншоотҳои обтаъминкуние, ки дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунии Қубодиён қарор дорад*

| № | Номгӯи каналҳо | Майдони кишт (га) | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тоза шуда (км) |
| 1 | Катта | 6722 | 41 | 9 |
| 2 | Қабла | 2518 | 25 | 8 |
| 3 | Чирик | 992 | 5,16 | 1 |
| 4 | Ҳаёт | 1435 | 40 | 2 |
| 5 | Канали М-1 рост | 1190 | 12,6 | 3 |
| 6 | Канали М-2 рост | 406 | 4 | 1 |
| 7 | Канали М-3 рост | 466 | 10,6 | 2 |
| 8 | Канали М-3 чап | 373 | 4,9 | 1 |
| 9 | Канали М-4 рост | 151 | 4 | 1,5 |
| 10 | Канали М-5 рост | 121 | 4,9 | 2,9 |
| 11 | Канали М-6 рост | 300 | 8 | 5 |
| 12 | Канали М-6 чап | 138 | 3,5 | 0,5 |
| 13 | Полвонтуғай | 363 | 3 | 2,5 |
| | Ҷамъ: | 15175 | 166,66 | 39,4 |

Масоҳати умумии шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои ноҳия 370,4 км-ро ташкил дода, аз ин 44,2 км (12 фоиз) дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунӣ, 326,2 км (88 фоиз) дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоатҳои деҳот мебошад.

*Ҷадвали №12. Шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои ноҳия Қубодиён*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Ҳамаги заҳбуру заҳкаш, км | Аз он ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Дар тавозуни муассисаҳои об таъминкуни ноҳия, км | Аз он ҷумла тозашуда км | Дар ҷамоатҳои деҳот, км | Аз он ҷумла | |
| | | | | | | Кушода, км | Болопуш, км |
| 1 | ИДБЗО Қубодиён | 44,2 | 44,2 | 8 | - | 8 | |
| 2 | 20-солагии Истиқлол | 38 | дохили хоҷаги | | 4 | 4 | |
| 3 | Носир Хисрав | 46 | дохили хоҷаги | | 4,2 | 4,2 | |
| 4 | Ишмурод Ниёзов | 36 | дохили хоҷаги | | 8,0 | 8,0 | |
| 5 | Утақара Назаров | 38 | дохили хоҷаги | | 4,0 | 4,0 | |
| 6 | Заркамар | 16,2 | дохили хоҷаги | | 2,0 | 2,0 | |
| 7 | Хоҷагии Авесто | 106 | дохили хоҷаги | | 15,2 | 15,2 | |
| Ҳамагӣ: | | 370,2 | | | 55,5 | 55,5 | |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки корҳои муваффақ дар самти тоза намудани шабақаҳои заҳбуру заҳкашҳо дар ҷамоатҳои деҳот ба назар расида, мушкилоти асосӣ дар ин самт дида мешавад. Сабаби асосии сари вақт тоза нагардидани шабақаҳои заҳбуру заҳкашҳо дар ҷамоатҳои деҳот ин пеш аз ҳама бад будани вазъи молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ мебошад. Дар натиҷаи ин, пардохти ҳаққи хизматрасонии об қисман анҷом дода шуда, дар бисёр мавридҳо аз ҷониби худи хоҷагиҳо низ корҳои тозакунии шабақаҳои заҳбуру заҳкашҳо (дар мувозинаи худ қарор дошта) сари вақт ба сомон расонида намешавад.

## 2.2. Соҳаи саноат

Дар ноҳия корхонаҳои коркарди пахтаи ҶСШК ба номи «Н.Хусрав», ҶДММ «Ориёно», корхонаи тайёр намудани маҳсулоти нимтайёри доруворӣ ҶСП «Аввалин», корхонаи тайёр намудани плитаҳои ороиши (бручатка) ҶДММ «Ороиши Диёр», корхонаи коркарди шир ҶДММ «Зарифа», корхонаи шағалбарории ҶДММ «Истеҳсолот», корхонаи хиштбарории ҶДММ «Сафари Мурод», корхонаи фармасевтии ҶДММ «Ясмина Мед», корхонаи кафелбарории ҶДММ «Илҳом-2013»,

корхонаи оҳакбарории ҶДММ «Зариф» ва 8 адад корхонаи хурди коркарди пахта ба қайд гирифта шуда, фаъолият доранд. Таҷҳизот ва технологияи корхонаҳои коркарди пахта кӯҳна ва фарсуда буда, ба талаботи имрӯза ҷавоб дода наметавонанд.

Ҳадафи асосии Барнома дар ин самт ин баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаи саноатӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири замонавӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Махсус гардонии соҳаи саноати ноҳия асосан дар самти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Соли 2014 дар ноҳия 66,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуд, ки ин дар қиёс ба соли 2012 - 4,6 фоиз, ё ин ки 2,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

*Диаграммаи №1. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (млн. сомонӣ)*




*Ҷадвали №1. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ)*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Солҳо | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 1 | ҶСШК «Н. Хусрав» | 15196,4 | 15212,9 | 8583,4 | 56,5 |
| 2 | ҶДММ «Ориёно» | 12380,7 | 12807,3 | 10706,1 | 86,5 |
| 3 | ҶСП «Аввалин» | 4382,8 | 4282,5 | 4648,1 | 106,0 |
| 4 | ҶДММ «Ясмин Мед» | 122,7 | 210,7 | 369,4 | 3 баробар |
| 5 | ҶДММ «Биби Халима» | 5,4 | 15,3 | 6,9 | 127,8 |
| 6 | ҶДММ «Ороиши Диёр» | 14,6 | 32,7 | 49,0 | 3,4 баробар |
| 7 | ҶДММ «Зарифа» | х | х | 89,5 | х |
| 8 | ҶДММ «Истеҳсолот» | х | х | 15,0 | х |
| 9 | ҶДММ «Сафари Мурод» | х | х | 16,0 | х |
| 10 | ҶДММ«Илҳом-2013» | х | х | 27,6 | х |
| 11 | ҶДММ«Зариф» | х | х | 156,0 | х |
| 12 | ҶДММ «Насими Раҳим» | 9,0 | 17,5 | 18,0 | 200,0 |
| 13 | Корхонаҳои хурди пахта | 91,7 | 365,8 | 689,1 | 7,5 баробар |
| 14 | Сектори хусуси | 26751,0 | 32205,3 | 34462,4 | 128,8 |
| 15 | ҶСШК «Барқи Ҷануб» | 4161,5 | 4943,6 | 6142,7 | 147,6 |
| | Ҳамагӣ: | 63115,8 | 70093,6 | 66028,2 | 104,6 |

Дар соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2012 - 4,6 фоиз афзоиш ёфтааст, ҳамзамон бинобар сабаби дар шароити кунунӣ аз рӯи иқтидори лоиҳавиашон фаъолият накардан, кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизотҳои корхонаҳои саноатии коркарди пахтаи ноҳия ва берун аз ноҳия барои коркард баровардани ҳосили

пахта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои номбурда кам шудааст. Аз рӯи нишондиҳандаи дурнамо аз ҳисоби ба кордарории иқтидорҳои нав соли 2020 дар қиёс ба соли 2014 болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 12,6 фоиз дар назар дошта шудааст.

Ҳамчунин дар панҷ соли оянда дар ноҳия бунёди корхонаи хурду миёнаи саноатӣ дар назар дошта шудааст.

*Ҷадвали № 2. Намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатӣ*

| Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Самти фаъолият ва намудҳои маҳсулот (воҳиди ченак) | Иқтидори лоиҳавӣ | Истеҳсоли воқеӣ | Ҳолати техникӣ | Истифо-дабаран-дагони маҳсулот | Миқдори умумии коргарон (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶСШК «Н. Хусрав» | Нахи пахта (тонна) | 3200 | 918 | Таҷҳизотҳо кӯҳна, вале дар ҳолати коршоям | Хориҷи кишвар | 98 |
| ҶДММ «Ориёно» | Нахи пахта (тонна) | 10000 | 1137,1 | Таҷҳизотҳокӯҳна, вале дар ҳолати коршоям | Хориҷи кишвар | 106 |
| ҶСП «Аввалин» | маҳсулоти нимтайёри доруворӣ (тонна) | 134 | 70,5 | Таҷҳизотҳо нав | Хориҷи кишвар | 58 |
| ҶДММ «Ясмин Мед» | фармасевтӣ (ҳаз.қуттӣ) | 200 | 171,3 | Таҷҳизотҳо нав | Қалам-равӣ ҷумҳурӣ | 11 |
| ҶДММ «Биби Ҳалима» | гилем (метрии квадрати) | 500 | 258 | Дастӣ | Қалам-равӣ ноҳия | 11 |
| ҶДММ «Ороиши Диёр» | плитаҳои ороиши (ҳазор дона) | 120 | 37,3 | Таҷҳизотҳо нав | Қалам-равӣ ноҳия | 2 |
| ҶДММ «Зарифа» | яхмос (тонна) | 30 | 23,6 | Таҷҳизотҳонав | Қалам-равӣ ноҳия | 15 |
| ҶДММ «Истеҳсолот» | шағал (метри кубӣ) | 500 | 463 | Таҷҳизотҳо нав | Қалам-равӣ ноҳия | 7 |
| ҶДММ «Сафари Мурод» | хишт (дона) | 1000000 | 50000 | Таҷҳизотҳонав | Қалам-равӣ ноҳия | 5 |
| ҶДММ«Илҳом-2013» | кафел (метри квадратӣ) | 700 | 700 | Таҷҳизотҳо нав | Қалам-равӣ ноҳия | 2 |
| ҶДММ «Зариф» | оҳак (тонна) | 250 | 260 | Таҷҳизотҳо кӯҳна, дар ҳолати коршоям | Қалам-равӣ ноҳия | 4 |
| ҶДММ Насими Раҳим | коркарди меваю сабзавот (ҳаз.банка) | 5,0 | 2,0 | Таҷҳизотҳокӯҳна, дар ҳолати корношоям | Қалам-равӣ ноҳия | 11 |
| Корхонаҳои хурди коркарди пахта | Нахи пахта (тонна) | 50,0 | 44,2 | Таҷҳизотҳонав | Қалам-равӣ ноҳия | 15 |
| Ҳамагӣ: | | | | | | 345 |

***Иқтидор.*** Дар ҳудуди ноҳияи захираи калони ашёи хоми кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабазавот мавҷуд мебошад, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани он имконияти бунёд намудани сехҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз манфиат холӣ нест. Бинобар сабаби кам будани корхонаҳои саноатӣ

зарари таъсири фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба муҳити зисти ноҳия ба мушоҳида намерасад. Истифодаи минбаъдаи самараноки иқтидорҳои саноатӣ ва кишоварзии ноҳия бошад, бояд бо назардошти андешидани чораҳои дахлдор, ҷиҳати ҳифзи тозагии муҳити зист, нигоҳдории гуногунии биологӣ ва мувозинати табиии ноҳия сурат гирад.

Дар ноҳия имкониятҳои мувофиқ ҷиҳати ташкили истеҳсолот оид ба барориши сементи сохтмонӣ, оҳаксанг, сангреза ва мутобиқан ба роҳ мондани барориши маснуоти оҳану бетон, маводи сохтмонӣ мавҷуд мебошанд, ки барои ҳалли мушкилиҳои сохтмон ва таъминоти манзил барои аҳолӣ нақши назаррас мебозад.

**Ҷанбаҳои экологӣ.** Таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. Дар ҳудуди ноҳия 3 адад корхонаҳои саноатӣ шиносномаи экологӣ дорад. Дар корхонаҳои мавҷуда мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи ҳисоботи оморӣ 2-тп (ҳаво) барои се соли охир чунин аст:

*Ҷадвали №3. Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноатии ноҳияи Қубодиён.*

| Номгӯй моддаҳои зараровар | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 391,3 | 366,7 | 319,4 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 319,6 | 298,9 | 258,3 |
| Карбогидратҳо | 71,7 | 67,8 | 61,1 |

**Мушкилии соҳа:**

- Кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизот ва сатҳи пасти фаъолияти инноватсионии корхонаҳо;
- Истифода набурдани усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо;
- Набудани инвеститсияи дохилию берунӣ барои рушди соҳа ва имконияти маҳдуд ҷиҳати фаъолият дар реҷаи такрор истеҳсолкунии васеъ.

### 2.3. Соҳибкории хурду миёна

**Зарурияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ**. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар рушди иқтисодиёти ноҳия нақши калон мебозад. Ҳаҷми маҳсулоте, ки аз ҷониби соҳибкории хурду миёна истеҳсол мешавад, сол то сол ҳаҷми воридоти маблағҳо ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонии СХМ тамоюли болоравӣ дорад.

Нақши соҳибкорони хурду миёна бисёртар дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат ба назар мерасад. Ҳамзамон дар соҳаҳои тиҷорат, хизматрасонии маишӣ, сохтмон, нақлиёт ва коммуникатсия низ хело хуб рушд ёфтааст.

Гузаштани корхонаҳои кишоварзӣ ба шакли нави хоҷагидории тарзи коллективӣ ва хусусӣ, инчунин иҷрои ислоҳоти замин ба афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири мусбат расонид.

*Ҷадвали №1: Шумораи субъектони СХМ аз рӯи соҳаҳо (ба ҳолати 01.01.2015.)*

| Соҳаҳои иқтисодӣ | Шумораи субъектҳои ба қайд гирифта | |
|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ бо назардошти коркард | 275 | 1469 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 1 | 32 |
| Тиҷорат | 35 | 233 |
| Соҳаи хизматрасонӣ | 23 | 42 |
| Сохтмон | 1 | 2 |
| Ҳамагӣ: | 335 | 1778 |

СХМ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ бахусус дар самти хоҷагии қишлоқ нақши беандоза мебозад. Ҳиссаи умумии шуғл дар сектори хусусӣ 60 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №2. Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз СХМ (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 1918734 | 1806859 | 1647414 | 86 |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 314048 | 527978 | 700087 | 223 |
| Саноат | 104683 | 175993 | 233362 | 223 |
| Ҳамагӣ: | 2337465 | 2510830 | 2580863 | 110 |

**Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ.** Мушкилиҳои асосие, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна дар ноҳия таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

**Хизматрасонӣ барои рушди бизнес.** Дар ҳудуди ноҳия якчанд ташкилотҳои ғайридавлатии қарздиҳии хурд, аз ҷумла «Хумо», «Имон Интернешнл», «Финка» ва филиалҳои Амонатбонк, Агроинвестбонк ва Тоҷиксодиротбонк фаъолият доранд. Дар солҳои 2012-2014 тавассути бонкҳо 78,4 млн. сомонӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла, кишоварзӣ – 41,7 млн. сомонӣ, тиҷорат 28,1 млн. сомонӣ, ниёзи иҷтимоӣ 7,4 млн сомонӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ 0,5 млн сомонӣ қарз дода шудааст.

*Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (ҳаз. сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии карзҳои пешниҳодгардида | Шумораи карз исфодабарандагон | Бахшҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат | Сохтмон | Соҳибкорӣ | Ниёзи иҷтимоӣ | Дигар соҳаҳо |
| Филиали БДА «Амонатбонк» | 2012 | 444,0 | 40 | 434,0 | - | - | - | 10,0 | - |
| | 2013 | 847,9 | 122 | 805,8 | - | - | - | 4,3 | 37,8 |
| | 2014 | 1744,8 | 259 | 855,0 | 90,0 | 182,5 | 375,5 | 128,7 | 113,1 |
| | Ҷамъ | 3036,7 | 421 | 2094,8 | 90,0 | 182,5 | 375,5 | 143,0 | 150,9 |
| Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» | 2012 | 3190,7 | 348 | 2106,0 | 86,9 | - | 701,9 | 153,1 | 142,8 |
| | 2013 | 6544,3 | 676 | 4282,7 | 71,5 | - | 739,3 | 1230,3 | 220,5 |
| | 2014 | 8942,5 | 809 | 4934,6 | - | - | 2058,8 | 1850,5 | 98,6 |
| | Ҷамъ | 18677,5 | 1833 | 11323,3 | 158,4 | - | 3500,0 | 3233,9 | 461,9 |
| Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | 10083,6 | 350 | 4900,0 | - | 428,9 | 4048,6 | 463,1 | 243,0 |
| | 2013 | 11665,0 | 344 | 5143,0 | - | 109,8 | 5284,9 | 1127,3 | - |
| | 2014 | 15446,7 | 245 | 7936,0 | - | 834,3 | 3470,8 | 501,6 | 2704,0 |
| | Ҷамъ | 37195,3 | 939 | 17979,0 | - | 1373,0 | 12804,3 | 2092,0 | 2947,0 |
| Филиали «Имон Интернешнл» | 2012 | 1206,5 | 218 | 810,4 | - | - | 396,1 | - | - |
| | 2013 | 3392,1 | 796 | 1307,4 | 9,4 | 45,3 | 1070,5 | 959,5 | - |
| | 2014 | 3441,2 | 812 | 1449,1 | - | 48,7 | 1177,3 | 766,1 | - |
| | Ҷамъ | 8039,8 | 1826 | 3566,9 | 9,4 | 94,0 | 2643,9 | 1725,6 | - |
| Ташкилоти хурди қарздиҳии “ХУМО” | 2012 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| | 2013 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| | 2014 | 5959,5 | 862 | 4052,4 | 774,7 | - | 506,6 | 256,3 | 369,5 |
| | Ҷамъ | 5959,5 | 862 | 4052,5 | 774,7 | - | 506,6 | 256,3 | 369,5 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ЧСК «Финка» | 2012 | 955,0 | 264 | 881,1 | - | - | 54,8 | 19,1 | - |
| | 2013 | 2248,5 | 503 | 1842,0 | - | - | 406,5 | - | - |
| | 2014 | 2265,3 | 547 | 1865,9 | - | - | 399,4 | - | - |
| | Ҷамъ | 5468,8 | 1314 | 4589,0 | - | - | 860,7 | 19,1 | - |
| Ҳамагӣ: | 2012 | 15879,8 | 1220 | 9131,5 | 86,9 | 428,9 | 5201,4 | 645,3 | 385,8 |
| | 2013 | 24697,8 | 2441 | 13380,9 | 80,9 | 155,1 | 7501,2 | 3321,4 | 258,3 |
| | 2014 | 37800,0 | 3534 | 21093,0 | 864,7 | 1065,5 | 7988,4 | 3503,2 | 3285,2 |
| | Ҳамагӣ | 78377,6 | 7195 | 43605,4 | 1032,5 | 1649,5 | 20691,0 | 7469,9 | 3929,3 |

Ташкилотҳои қарздиҳии ноҳия фаъолияти худро асосан бахри рушди соҳаҳои кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна ва ниёзи иҷтимоӣ нигаронидаанд. Дар ин самт суст будани маблағгузорӣ ба соҳаи саноат мушоҳида мерасад.

Ҳамзамон интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар дар соли 2013 47,3 млн. доллари ИМА ва дар соли 2014 35,2 млн. доллари ИМА тавассути бонкҳо аз муҳоҷирони меҳнатӣ ташкил намуда, ки аз соли 2013 12,1 млн. доллари ИМА кам ворид шуд.

Ҳоло соҳибкорони ноҳия ба кӯмакӣ машваратии профессоналӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ), таҷҳизотҳои лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба ахборот, ҳамчунин дастрасӣ бо сохтори кӯмакрасон (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд.

Саҳми соҳибкорони маҳаллӣ дар рушд ва пешрафти соҳаҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёти ноҳия назаррас арзёбӣ мегардад. Бо мақсади рушди соҳаи соҳибкории хурду миёна дар сатҳи ноҳия «Шӯрои соҳибкорони ноҳияи Қубодиён» ташкил карда шудааст, ки самти асосии фаъолияти он ба сари вақт бартараф намудани монеаҳое, ки сади роҳи рушди соҳа мегарданд, нигаронида шудааст.

*Нақшаи 1. Сохтори Шӯрои соҳибкорони ноҳияи Қубодиён*




Ҷаласаҳои Шӯрои мазкур дар семоҳа як маротиба гузаронидашуда, дар он тамоми паҳлуҳои масъалаҳои ҳалталаби рушди соҳибкории хурду миёна дар ноҳия мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

**2.4. Сохтмон**

Дар ноҳияи Қубодиён 1 ташкилоти сохтмонӣ ҶДММ «Бинокор» амал мекунад, ки дар онҳо беш аз 30 нафар кормандон фаъолият мекунанд. Дар ихтиёри ташкилоти номбурдаи сохтмонӣ ягон адад техника мавҷуд нест. Дар ноҳия асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, сохтани бунгоҳҳои тиббӣ, таъмиру барқарорсозии кӯпрукҳо, гузаронидани хати оби нушокӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

*Ҷадвали №1. Иҷрои корҳои сохтмонӣ дар ноҳия дар солҳои 2013-2014 (ҳазор сомонӣ)*

| Номгӯй | Соли 2014 | Соли 2013 | Фоиз | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Нисбати дурнамо | Нисбати с.2013 |
| Сармояи асоси иҷро шудааст | 32512 | 8103,5 | 217 | 401 |
| Корҳои сохтмони васлкорӣ | 29834 | 7134,9 | 255 | 418 |
| Ба кор андохтани фондҳои асосӣ | 11128 | 7164,8 | 0 | 155 |
| Корҳои пудратӣ | 195,3 | 164 | 36 | 119 |
| Ба кор андохта шуд: | | | | |
| Хонаҳои истиқоматӣ (метри мураббаъ) | 6575 | 5155 | 0 | 128 |
| Мактабҳои таҳсилоти умумӣ (ҷои талаба) | 0 | 150 | 0 | 0 |
| Муассисаҳои томактабӣ (ҷой) | 0 | 32 | 0 | 0 |

Таҳлил нишон медиҳад, дар соли 2014-ум аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 32512 ҳазор сомони сармояи асосӣ иҷро карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 3,9 баробар зиёд мебошад.

Корҳои сохтмони васлкори бошад ба маблағи 29834 ҳазор сомони, ё ин ки 22699,1 ҳазор сомони нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд иҷро гардида, то ин муддат ба маблағи 11128 ҳазор сомони фондҳои асоси, ё ин ки 3963,2 ҳазор сомонӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд, хонаҳои истиқомати 6575 метри мураббаъ, ё ин ки 1420 метри мураббаъ нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд ба истифода дода шуда, ба маблағи 195,3 ҳазор сомонӣ корҳои пудрати ба анҷом расонида шудааст.

Тӯли солҳои 2016-2020 дар ноҳия сохтмону барқарорсозии иншоотҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон, дар ноҳия 5 иншооти сохтмонаш нотамом боқӣ мондааст, ки сохтмонаш дар соли 1985 оғоз гардида буд.

*Ҷадвали №2. Номгӯи иншоотҳои сохтмонашон нотамом (ҳазор сомонӣ)*

| № | Номгӯи иншоотҳо | Соли оғоз ва ба итмомрасонӣ | Арзиши сметавӣ | Азхуд-кунии маблағҳо | %-и корҳои иҷрошуда | Пешниҳод |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мактаб барои 624 хонанда дар деҳаи Калинин ҷамоати деҳоти Тахти Сангин | 1985 | 6000 | 3500 | 58 | Сохтмон идома дорад. |
| 2 | Мактаб барои 624 хонанда дар деҳаи Роҳи нав ҷамоати деҳоти Тахти Сангин | 1992 | 6000 | 3000 | 50 | Сохтмон боздошта шудааст |
| 3 | Мактаб барои 624 хонанда дар деҳаи Чимғилиш ҷамоати деҳоти Заркамар | 2010 | 2500 | 1200 | 48 | Сохтмон идома дорад. |
| 4 | Мактаб барои 624 хонанда дар деҳаи Бештемир ҷамоати деҳоти 20 солагии Истиқлол | 1992 | 6000 | 2500 | 58 | Сохтмон боздошта шудааст. |
| 5 | Сохтмони нотамоми бинои беморхонаи марказии ноҳия | 1992 | 5000 | 700 | 14 | Сохтмон боздошта шудааст. |

**Мушкилотҳои асосии соҳаи сохтмон:**

- набудани биноҳои зебову замонавӣ ва кӯҳнаю фарсуда гардидани иншоотҳои асосии соҳаҳои хоҷагии халқ;
- маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ барои маблағгузорӣ намудани объектҳои нотамоми сохтмонӣ;
- баланд будани нархҳои масолеҳи сохтмонӣ.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Соҳаи маориф

Соҳаи маориф яке аз омилҳои муҳимест, ки барои рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳимми расидан ба рушди устувор ва одилона аст. Системаи маориф дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти хушсифат идора шуда истода, айни замон ҷиҳати ноил гардидан ба баробарии гендерии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба ислоҳоти бунёдӣ эҳтиёҷ дорад.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии ноҳияи Қубодиён бинобар беҳтар шудани дараҷаи зиндагии аҳолӣ солҳои охир баланд шуда истодааст.

*Сатҳи маълумотнокии аҳолӣ аз рӯи ҷинсият (нафар)*
*(аз рӯи барӯихатгирии аҳолии соли 2010)*

| Сатҳи маълумотнокӣ | 2010 | |
|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | аз ҷумла занон |
| Маълумоти олӣ | 9507 | 3802 |
| Маълумоти олии нопурра | 5577 | 3346 |
| Маълумоти миёнаи касбӣ | 16036 | 6414 |
| Маълумоти миёнаи умумӣ | 38486 | 20782 |
| Маълумоти миёнаи нопурра | 7697 | 5003 |
| Бемаълумот | 1925 | 962 |

Фаъолияти асосӣ барои ҳалли тамоми вазифаҳои Барномаи рушди ноҳия дар соҳаи маориф аз инҳо иборатанд: а) барқарорсозии инфраструктураи мактабӣ, таъмини мактабҳо бо гармӣ ва ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои писарон ва духтарон; б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ; в) сохтани мактабҳои нав; г) ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо.

Дар системаи маорифи ноҳия - 5 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 52 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 6 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ ва 2 гимназияи давлати, 1 гимназияи хусуси ва 1-интернати бачагони болаёқати ноҳия фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии мактабҳо 46 мактаб ба забони тоҷикӣ, 16 мактаб ба забони ӯзбекӣ, амал доранд. Илова бар ин дар ноҳия 1 адад Коллеҷи омӯзгорӣ , 1 адад Коллеҷи тиббӣ (филиали Коллеҷи тиббии шаҳри Қурғонтеппа), 1 Литсеи техникии №46, Иттифоқи автомобилчиён 1 адад, 1 Клуби варзишӣ-техникии Ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиавӣ (ТҶММ), Кумитаи ноҳиявии Ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиавӣ (ТҶММ), ва 1 Маркази таҳсилоти иловагӣ, 1 маркази муассисаи таълимии компютери фаъолият доранд.

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ноҳия 5 боғчаи кӯдакон (дорои 16 гурӯҳ: фаъолият мекунад, ки 412 нафар кӯдакон ба он фаро гирифта шудааст. Фарогирии кӯдакон (сини 3-6 сола) дар муассисаҳои томактабӣ 4,8%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандиҳандаи хеле паст арзёбӣ мегардад. Талабот ба муассисаҳои томактабӣ дар ноҳия зиёд аст, вале аз сабаби маҳдуд будани ҷой ва набудани кӯдакистон на ҳамаи кӯдакон ба он дастрасӣ доранд (зиёда 50 нафар барои ҷой дархост намудаанд). Дар кӯдакистонҳои мавҷуда 16 нафар мураббӣ бо маълумоти педагогӣ ба таълиму тарбияи наврасон машғул мебошанд.

Сабаби асосии ба муассисаҳои томактабӣ пурра фаро гирифта нашудани кӯдакон норасогии боғчаҳо ва таъмирталаб будани муассисаҳои томактабии мавҷуда, аз кор баромадани системаи гармидиҳӣ, кӯҳнаю фарсуда гардидани қубурҳои обу ташноб, нарасидани воситаҳои таълимӣ ва ғайра мебошад. Ин мушкилотро қариб дар ҳамаи муассисаҳои томактабӣ дидан мумкин аст.

*Ҷадвали №1. Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| Нишондодҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | | 2014 | | 2015 | |
| | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №1 | 190 | 74 | 210 | 82 | 219 | 101 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №2 | 70 | 27 | 80 | 33 | 100 | 46 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №3 | х | х | 25 | 14 | 25 | 15 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №4 | х | х | 45 | 18 | 50 | 20 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №5 | х | х | х | х | 18 | 8 |
| Ҳамагӣ: | 260 | 101 | 360 | 147 | 412 | 190 |

Мушкилоти дигари дар ноҳия мавҷуд буда, ин ба таъмири асосӣ ниёз доштани боғчаи кӯдаконаи №1 ва №4 мебошад. Дар фасли зимистон аз сабаби мавҷуд набудани системаи зарурии гармидиҳӣ биноҳо ба воситаи таҷҳизоти гармидиҳии алобӣ (печкаҳо) гарм карда мешаванд.

Таъмин намудани муассисаи мазкур бо оби нӯшокӣ метавонад як қатор мушкилотҳоро бартараф намуда, садди роҳи паҳншавии ҳар гуна касалиҳо гардад.

Бо мақсади беҳтар намудани дастгирии молиявии муассисаҳои томактабӣ ҳамасола аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори ноҳиявӣ (сарпарастон) кӯмакҳои амалӣ расонида мешавад. Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа ва дар ин замина беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва инфрасохтори мавҷуда ин ҷалби бахши хусусӣ.

***Маълумоти миёна.*** Шумораи умумии хонандгон дар солҳои хониши 2014 - 2015 ба 35964 нафар баробар буда, аз ин 17424 нафар ва ё 48,4 фоизшонро духтарон ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали №2. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | | | | 2013 -2014 | | | | 2014 -2015 | | | |
| Синфҳо | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон |
| Гурӯҳи тайёрӣ | | | | | | | | | | | | |
| I | 3227 | 1699 | 1528 | 47.3 | 3307 | 1678 | 1629 | 49.3 | 3372 | 1799 | 1573 | 46.6 |
| II | 3305 | 1656 | 1649 | 49.9 | 3251 | 1684 | 1567 | 48.2 | 3344 | 1716 | 1628 | 48.7 |
| III | 3440 | 1793 | 1647 | 47.9 | 3290 | 1649 | 1641 | 49.9 | 3255 | 1671 | 1584 | 48.7 |
| IV | 3535 | 1833 | 1702 | 48.1 | 3440 | 1803 | 1637 | 47.6 | 3265 | 1633 | 1632 | 50 |
| Ҳамагӣ I-IV | 13507 | 6981 | 6526 | 48.3 | 13288 | 6814 | 6474 | 48.7 | 13236 | 6819 | 6417 | 48.5 |
| V | 3324 | 1714 | 1610 | 48.4 | 3521 | 1824 | 1697 | 48.2 | 3416 | 1765 | 1651 | 48.3 |
| VI | 3510 | 1869 | 1641 | 46.8 | 3306 | 1720 | 1586 | 48 | 3496 | 1793 | 1703 | 48.7 |
| VII | 3622 | 1863 | 1759 | 48.6 | 3494 | 1871 | 1623 | 46.5 | 3262 | 1690 | 1572 | 48.2 |
| VIII | 3607 | 1872 | 1735 | 48.1 | 3604 | 1862 | 1742 | 48.3 | 3461 | 1834 | 1627 | 47 |
| IX. | 3347 | 1750 | 1597 | 47.7 | 3590 | 1877 | 1713 | 47.7 | 3549 | 1814 | 1735 | 48.9 |
| Ҳамагӣ V-IX | 17410 | 9068 | 8342 | 47.9 | 17515 | 9154 | 8361 | 47.7 | 17184 | 8896 | 8288 | 48.2 |
| X | 3027 | 1515 | 1512 | 50 | 2925 | 1434 | 1491 | 51 | 3024 | 1555 | 1469 | 48.6 |
| XI | 2992 | 1531 | 1461 | 48.8 | 2513 | 1217 | 1296 | 51.6 | 2520 | 1270 | 1250 | 49.6 |
| Ҳамагӣ X-XI | 6019 | 3046 | 2973 | 49.4 | 5338 | 2551 | 2787 | 52.2 | 5544 | 2825 | 2719 | 49 |
| Ҳамагӣ: | 36936 | 19095 | 17841 | 48.3 | 36241 | 18619 | 17622 | 48.6 | 35964 | 18540 | 17424 | 48.4 |

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин аз мактаб берун мондани хонандагон баъд аз хатми синфи 9-10 мебошад.

Таҳлили солҳои охир нишон дод, ки ҳангоми аз синфи 9 то 11 гузаштан 47 фоизи шумораи духтарон коҳиш меёбад, ки ин боиси нигаронӣ мебошад. Ҳавасманд намудани ҳамаҷонибаи онҳо ва фарогирии аксари онҳо ба курсҳои миёнамӯҳлати таълимӣ, махсусан курсҳои омӯзишии компютерӣ, ҳисоби муҳосибӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа маҳсуб меёбад.

*Диаграммаи №1. Коҳиш ёфтани шумораи хонандагон ҳангоми аз синфи 9 то синфи 11 гузаштан*




*Диаграммаи №2. Шумораи хонандагон аз рӯи бастҳо ба ҳолати 01.01.2015 (нафар)*




Сабабҳои асосии коҳиш ёфтани шумораи хонандагони синфҳои болоӣ ин ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қисме аз писарбачагон аз оилаҳои камбизоат, идома додани таҳсили қисми дигари писару духтарон дар коллеҷи тиббӣ, ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди шаҳру деҳот рафтан ё ба шавҳар баромадани духтарон (дар ҳолатҳои махсус), касод будани буҷаи оилавӣ барои таъмини хонандагон бо сару либосу таҷҳизоти мактабӣ ва дур будани роҳи мактаб аз маҳалли истиқомат мебошад.

Шумораи умумии хонандгон дар солҳои хониши 2014 - 2015 ба 35964 нафар баробар буда, аз ин 53,1 фоиз дар басти аввал, 46,9 фоиз дар басти дуюум таҳсил менамоянд.

Мутобиқи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 25-30 талаба муқаррар гардидааст. Айни замон, дар баъзе мактабҳо шумораи хонандагон дар ҳар як синф ба 34-36 нафар мерасад, ки ин ба стандартҳои муосири системаи маориф мутобиқат намекунад.

Солҳои охир мушкилоти дигар дар соҳаи маориф ин нарасидани синфхонаҳои таълимӣ дар мактабҳо мебошад. Ин мушкилотро бештар дар мактабҳои № 5,18,33,35,38,46,50,52,54 ва 57 мушоҳида намудан мумкин аст.

Муассисаҳои таълимии ноҳия аз нарасидани озмоишгоҳҳои фаннӣ (химия, биология, физика), воситаҳои таълимӣ (мизу курсӣ, тахта, ва ғайра) танқисӣ мекашанд.

***Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат.*** Бо мақсади бо таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагони оилаҳои камбизоат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010. №244 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд” ҳар нимсола ба 15 фоизи онҳо ҷубронпулӣ ба миқдори 20 сомонӣ пардохт карда мешавад.

Дар ноҳияи Қубодиён соли 2015 барои баланд бардоштани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат (аслан хонадагоне, ки яке волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, яке аз волидонашон маъюбанд, волидонашон бо кор таъмин нестанд, аз оилаҳои камбизоатанд ва аз оилаҳои серфарзанданд (беш аз 5 кӯдак)) ба мактаб аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 4383 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба маблағи умумии 175320 сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 40 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст.

Айни замон дар ноҳияи Қубодиён 62 кумитаи падару модарон ва омӯзгорон (КПМО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин кумитаҳо ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

Мушкилии ҷойдошта, аз қабили нокифоягии китобҳои дарсӣ ва маводи методии замонавӣ вазъи соҳаи маорифро боз ҳам мушкилтар гардонида, барои рушди он садди роҳ мегарданд. Сифати таълим, дараҷаи дониш ва маҳорати хонандагон моро имрӯз қаноатманд кунонида наметавонад. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба тақозои кунунӣ мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

**Таъминот бо омӯзгорон**. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба 01.01.2015 беш аз 1894 нафар омӯзгор кору фаъолият мекунад, ки аз ин 1179 нафар ва ё 62,2 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали №3. Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | Соли 2015 нисбат ба соли 2013 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1834 | 1845 | 1894 | 103.3 |
| аз ҷумла, занон | 1188 | 1165 | 1179 | 99.2 |
| Дорои маълумоти олӣ | 772 | 808 | 886 | 117.7 |
| аз ҷумла, занон | 319 | 333 | 364 | 114.1 |
| Олии нопурра | 73 | 76 | 77 | 146.6 |
| аз ҷумла, занон | 62 | 65 | 88 | 141.9 |
| Миёнаи касбӣ | 799 | 834 | 765 | 95.7 |
| аз ҷумла, занон | 657 | 654 | 613 | 93.3 |
| Миёнаи ибтидоӣ | 190 | 127 | 136 | 71.6 |
| аз ҷумла, занон | 56 | 113 | 114 | 203.6 |
| Муаллимони аз коррафта | 106 | 146 | 88 | 83.0 |
| аз ҷумла занҳо | 53 | 92 | 51 | 96.2 |
| Норасогии кадрҳо | 43 | 36 | 26 | 60.4 |

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 340 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2015, 26 нафар омӯзгорони соҳибихтисос (махсусан аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ, математика, физика, технологияи информатсионӣ) намерасад.

Дар ин давра аз ҷониби ташкилоти ғайри давлатии гуногун 100 нафар аз рӯи барномаҳои омӯзиши забони ангилисӣ, русӣ, ҳунари ва кор дар комютер ба курсҳои омӯзиши забони англисӣ, русӣ, фаро гирифта шуданд. Бо назардошти талаботи мавҷуда ташкилоти номбурда тасмим гирифтааст, ки аз ҳисоби омӯзгорони бо таҷриба ва соҳибкасби мактабҳои ноҳия муаллимони забонҳои русӣ, англисӣ ва компютер омода намояд. Ба роҳ мондани чунин курсҳо барои мутахассисони сатҳи деҳот ва дигар курсҳои соҳавӣ, махсусан барои муҳосибон (барои соҳаи маориф, кишоварзӣ ва ғайра) ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии воситаҳои молиявӣ мебошад.

**Маълумоти фарогир.** Дар ноҳияи Қубодиён ба 01.01.2015 84 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 36 нафар духтарон) ба қайд гирифта шуд. Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб ин набудани мутахассисони баландихтисос дар ин самт, шароити вазнини оилавӣ ва ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар мактабҳо мебошад.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактаб.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои, 2013-2015 як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд.

Бо назардошти он, ки ҳоло дар аксар мактабҳои деҳот хонандагон аз меъёри муқарраргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол зиёд мегардад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ махсусан дар мактаби миенаи №1,5,54,57, ҷамоати деҳоти Н.Хусрав, мактаби асосии №33,18, парваришгоҳ ҷамоати деҳоти 20-солагии Истиқлол мактаби миёнаи №31,32 ва 34 ҷамоати деҳоти Тахти Сангин ва дар мактаби миёнаи №50 ва 15 ҷамоати деҳоти Қубодиён ба миён омадааст, ки аҳамияти ҷиддиро талаб менамояд.

**Компютеркунонии мактабҳо**. Ба 01.01.2015 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия 53 синфи компютерӣ ташкил кардашуда дар онҳо 1078 адад компютер, 167 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 15 хонанда рост меояд. Айни замон, «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ 47 адад генератор мавҷуд аст.

Новобаста аз ин, нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин зарурати таъмини мактабҳо бо хати озоди барқ ва батареяҳои офтобӣ ба миён омадааст.

**Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Оби нӯшокии муассисаҳои таълимии ноҳия асосан тавасути насосҳои дасти таъмин карда шуда аст. Муассисаҳои таълими №13,14,15,46,50,52,58 ва 59 оби нӯшокиро бо наклиёт кашида таъмин мекунанд.

Системаи таъминоти гармидиҳии мактабҳои ҳудуди ноҳия аслан тавассути таҷҳизоти печкаҳои алобӣ сурат мегирад. Дар як қисми бинои муассисаҳои таълими

№48,51 ва 31 ба воситаи буғгармдиҳи ташкил карда шуда аст. Оби нӯшокии муассисаҳои таълимии ноҳия асосан тавасути насосҳои дастӣ таъмин карда шуда аст.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Гузаштан ба системаи нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар дабистон равона карда шудааст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2007 таҳти №505 «Оид ба тасдиқи қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасӣ) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» аз 1 январи соли 2009 дар ноҳия 60 муассисаи таълимӣ (52 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 6 мактаби таҳсилоти асосии умумӣ) ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронида шудаанд.

Бахри татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф мақсаднок ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ, назорат ба рафти иҷрои ислоҳот аз рӯи дастурамали хароҷот ба як хонанда аз ҷониби Лоиҳаи омӯзиши босифати USAID таи ин солҳо чандин чорабиниҳои омӯзишӣ гузаронида шуд. Аз 1 январи соли 2009 сар карда бевосита ба шӯъбаи маориф, раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) кӯмаку дастгирии техникӣ намуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳоро бо маводи корӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазорати маорифу молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин гардиданд.

Аз соли 2009 дар назди муассисаҳои таълимии марказ ва деҳоти ноҳия Ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро васеъ мекунад. Маблағҳо аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ба мактаб ворид карда мешаванд, онҳо инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.

Бо ин мақсад тӯли солҳои 2013-2015 ба 60 муассисаи таълимӣ сарикаси аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 23728537 сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2015 ба миқдори 30619557 сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2013 ба андозаи 6891020 сомонӣ, ё ин ки 129 фоиз зиёд мебошад.

*Диаграммаи №4. Маблағгузории соҳа дар тӯли солҳои 2013-2015*




Новобаста аз он, ки маблағгузории соҳа солҳои охир нисбати соли 2013 афзоиш ёфтааст, мутаассифона, барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои асосии соҳа ин нокифоя аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд фақат ба маблағҳои буҷети давлатӣ умед набаста, балки ба маблағгузории бисёршабакавӣ гузаранд, яъне аз ҳисоби ташкили таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муссисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Ба ҳисоби миёна дар соли 2014 992 нафар, ё худ 43,2 фоизи хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳру ноҳияҳои Қурғонтеппа ва Душанбе барои азхуд кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ дохил шудаанд. Илова бар ин дар тӯли солҳои 2013-2015 аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои ноҳия 105 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия) таҳсил менамоянд.

*Диаграммаи №5. Шумораи умумии хонандагон*
*аз рӯи квотаи Президентӣ (нафар)*




Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи Президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2012 - 2015 тибқи квотаи Президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 66 нафар дохил шуданд, ки 31 нафар писар ва 35 нафарашон духтарон мебошанд.

**Гурӯҳҳои таълимии Коллеҷи омӯзгорӣ.** Дар асоси фармони Вазири Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи августи соли 1998 дар ноҳияи Қубодиён гурӯҳҳои таълимии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав ба фаъолият оғоз кард.

Шумораи омӯзгорон дар гурӯҳҳои таълимӣ 28-нафар буда, аз ин 22 нафарашон зан мебошанд. Ҳамаи омӯзгорон дорои маълумоти олӣ-омӯзгорӣ доранд.

Дар соли 2015 шумораи умумии донишҷуён 507- нафарро ташкил дода, аз ин 345 - нафарашон духтарон мебошад. Дар ин давра муассисаи мазкурро 89 нафар хатм намуд, ки аз ин 81 нафарашон духтарон мебошанд.

Мушкилоти асосие, ки барои пешбурд ва рушди минбаъдаи соҳа монеа пеш меоварад, ин пеш аз ҳама набудани бинои таълимии замонавии алоҳида, нарасидани адабиётҳои методӣ ва дигар ашёҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад.

*Мушкилиҳои асосии соҳаи маорифи ноҳияи Қубодиён*

| | Номгӯи мушкилӣ | Ном, рақами муассисаҳои таълимӣ ва мавзеъи ҷойгиршавии он |
|---|---|---|
| 1 | Бад будани базаи моддиву техникии мактабҳо | |
| | Таъмирталаб будани бинои мактабҳо | № 1, 12, 13, 14, 19, 20, 22, 24, 26, 31, 32, 33, 35, 36, 40, 43, 44, 46, 50, 52, 56, 58, 59 мактаб парваришгоҳ. |

| | | |
|---|---|---|
| | Сохтмони мактабҳо | №54, мактабпарваришгох, бинои маориф. |
| | Сохтмони устохонаҳои таълимӣ | Мактабҳои № 13, 14, 48, 59, 45, 33, 24, 38. |
| | Сохтмони толорҳои варзишӣ | Мактабҳои № 19, 11, 36, 57, 6, 52, 30, 56, 10, 13, 14, 48, 59, 45, 33, 24, 38. |
| | Таъмини дастрасӣ ба шабакаи интернет | Мактабҳо ба шабакаи интернет таъмин карда нашудааст. |
| | Набудани ошхонаҳо | Мактабҳои № 10, 13, 14, 16, 17, 20, 22, 26, 33, 43, 44, 48, 50, 51, 52, 53, 54, 55, 57, 58. |
| | Ташкил намудани истироҳатгоҳҳо дар назди мактабҳо | Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ташкил карда шудааст. |
| 2 | Шароити номусоид барои таҳсили хонандагон | |
| | Набудани таҷҳизотҳои замонавӣ (мизу курсӣ, асбобҳои аёнӣ, бозичаҳои кӯдакона, расмҳо ва ғайра) | Мактабҳои № 10, 13, 14, 22, 33, 40, 43, 44, 50, 52. |
| | Нарасидани таҷҳизоти мактабӣ, мизу курсиҳо барои хонандагон | № 10, 4, 5, 6, 8, 12, 13, 14, 15, 20, 24, 26, 33, 40, 43, 44, 50, 55, 56, 59. |
| | Таъмини мактабҳо бо компютер ва принтер | Мактабҳо таъмин мебошанд. |
| | Набудани ҳуҷраҳои фаннӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳазонидашуда, нарасидани китобҳои дарсӣ | Дар мактабҳои № 2, 9, 10, 12, 13, 14, 15, 19, 21, 22, 23, 24, 26, 27, 31, 32, 33, 44, 45.<br><br>Дар мактабҳои № 49, 50, 53, 55. |
| 4 | Ҷалби сусти диққати падару модарон ба мушкилоти мактабҳо | |
| | Суст будани робитаи мактабҳо бо АВО (Ассотсиатсияи волидону омӯзгорон) | Дар мактабҳо № 4, 43, 44, 33, 52, 59. |
| 5 | Нокифоя будани фаъолияти берун аз мактабӣ | |
| | Пурра дастрас набудани Марказҳои таҳсилоти иловагӣ дар деҳот | Дар мактабҳои № 13, 14, 22, 43, 44, 36, 35, 52, 59. |
| 6 | Ба талабот ҷавобгӯ набудани кӯдакистон | |
| | Сохтмони бинои кӯдакистон | Дар ҷамоати деҳоти 20 солагии Истиқлол. |

### 3.2. Тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ яке аз бахшҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамчун самти асосӣ ва афзалиятнок барои беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Сифат ва дастрас будани хизматрасонии тиббӣ дар тӯли 20 соли охир дар саросари Тоҷикистон аз ҷумла, дар ноҳияи Қубодиён хеле коҳиш ёфтааст, ки бевосита ба нигоҳдории тандурустӣ ва ҳолати саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Айни замон мақсади асосии соҳаи тандурустӣ дар давраи миёнамӯҳлат аз мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе бемориҳои сироятии бо ваксина идорашаванда иборат мебошад.

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои вазъи солимии аҳолӣ, дастрасӣ ва пешниҳоди хизматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолии табақаи осебпазири он, аз ҷумла занон ва кӯдаконро дар бар мегирад.

*Ҷадвали№1. Шумораи таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва дар хона, сатҳи фавти модарон дар солҳои 2012-2014*

| Нишондиҳанда | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ шумораи таваллуд | 4805 | 5150 | 5704 |
| Дар таваллудхона | 4614 | 5008 | 5635 |
| Бо фоиз | 96,02 | 97,1 | 98,8 |
| Дар хона | 191 | 146 | 65 |
| Бо фоиз | 3,9 | 2,8 | 1,1 |
| Фавти модарон (барои 100 хаз. зинда таваллуд) | - | 0,1% | 0,1% |

Шумораи таваллуд дар давоми 3 соли охир 15,6 фоиз афзуда, дар ин давра ба ҳисоби миёна 5219 нафар таваллуд шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки шумораи таваллуд дар соли 2014 нисбати соли 2012 - 893 нафар зиёд мебошад, сабабҳои асосии кам шудани таваллуд дар хона дуруст ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳи дар байни аҳолӣ мебошад.

*Ҷадвали №2. Динамикаи фавти кӯдакон дар солҳои 2012-2014*

| Нишондиҳанда | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола | 102 | 128 | 104 |
| Бо фоиз | 21,2 | 24,8 | 18,2 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола | 88 | 89 | 89 |
| Бо фоиз | 18,3 | 17,2 | 15,6 |

Бояд қайд кард, ки ҳодисаҳои фавти модарон низ ба назар мерасад, ки сабаби асосии ин ҳодисаҳо бинобар дер муроҷиат кардани модарон ба муассисаҳои табобатӣ, саривақт нагирифтани табобат солимгардонии бемориҳои экстрогениталӣ, саривақт бистари нашудани занҳо пеш аз таваллуд мебошад.

***Бемориҳои сироятӣ ва дигар бемориҳо.*** Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки новобаста аз пешгирӣ ва дуруст ба роҳ мондани хизматрасонии тиббӣ сол то сол афзоиши бемориҳои сирояткунанда байни аҳолии ноҳия ба назар мерасад. Аз бемориҳои сирояткунанда бештар аҳолӣ гирифтори бемориҳои сил, вараҷа, гелментоз ва ВМНО (ВИЧ/СПИД) мебошанд.

*Ҷадвали №3. Шумораи бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2012 – 2014 (нафар)*

| Бемориҳои сироятӣ | 2012 | 2013 | 2014 | 2014 нисбат ба 2012 (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 126 | 111 | 125 | 99,2 |
| Гелментоз | 302 | 671 | 630 | 208,6 |
| ВМНО (ВИЧ/СПИД) | 17 | 26 | 33 | 194,1 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гирифтори ба бемории ВНМО (ВИЧ/СПИД) дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба 16 нафар зиёд шудааст, ки хеле ташвишовар ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии баланд гаштани нишондиҳандаи мазкур ба муҳоҷирати меҳнатӣ, нашъамандони тазриқӣ (истифодаи чандинкаратаи сӯзандору) марбут буда, инчунин аз ҳисоби танфурӯшии занон ба вуқӯъ пайвастааст.

Дар ҳақиқат шумораи бемориҳои сироятӣ зиёд буда, ба сатҳи пасти маърифатнокӣ ва устувор будани расмиятҳои маҳалли вобаста аст.

Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ чунинанд: (а) сари вақт ташхис нагардидани бемориҳо махсусан дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорасанд (аз ҷумла дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ барои беморони мубталои сил ва ВНМО); (б) сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ оид ба сабабҳои рух додани бемориӣ ва муоинаи он; (в) сатҳи баланди хароҷот барои муолиҷа, г) бо оби нӯшокии хушсифат таъмин набудани қисми зиёди аҳолӣ.

**Инфрасохтори соҳаи тандурустӣ:** Дар ноҳия 45 марказҳои саломатӣ, 1- беморхонаи маркази ноҳия, маркази мубориза бо бемории сил, шифохонаи кӯдакон ва таваллудхона, 1-маркази саломатӣ, шифохонаи амрози сироятӣ, 3 бемористони минтақавии деҳот, 10 маркази саломатӣ, 8 марказҳои махсус гардонидашуда ва бахшу дорухонаҳои гуногун фаъолият менамоянд. Дар беморхонаҳо 340 кат мавҷуд мебошад.

*Муассисаҳои тиббии ноҳияи Қубодиён*

| | |
|---|---|
| Сохтори шабакаҳои КАТС | Ҷамъ: 45 -муассисаҳои КАТС |
| | Маркази саломатии ноҳиявӣ-1 адад |
| | Марказҳои саломатии деҳот-16 адад |
| | Бунгоҳҳои тиббӣ -28 адад |
| Сохтори шабакаҳои бистарикунонӣ | Ҷамъ: 5 муассисаҳои ХБ (340 кат) |
| | Беморхонаи марказӣ (240 кат) |
| | Беморхонаи №1 (40 кат) |
| | Беморхонаи №2 (20 кат) |
| | Беморхонаи № 3 (20 кат) |
| | Беморхонаи сил (20 кат) |
| | Беморхонаи №5 (20 кат) |
| | Беморхонаи пуст ва зуҳравӣ (12 кат) |
| | |
| Дигар муассисаҳои тиббӣ | Ҷамъ: 8 марказҳои тиббӣ |
| | 1-Маркази тарзи ҳаёти солим |
| | 1-Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон |
| | 1-Маркази ВНМО (ВИЧ)ва бемориҳои бо алоқаи чинсии гузаранда |
| | 1-Маркази эмтаъминкунӣ |
| | 1- Маркази зидди бемории сил |
| | 1- Маркази оморӣ ва иттилооти тиббӣ- тибби оилавӣ |
| | 1- Маркази тропикӣ |
| | 1-Маркази давлатии назорати санитарию-эпидемиологӣ |

Вазифаи асосии соҳаи тандурустӣ беҳтар намудани шароити дастраси ба системаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), мебошад. Дар солҳои гузашта номутаносибии назаррас дар тақсимоти заминаи моддӣ ва воситаҳои буҷетӣ байни КАТС ва хадамоти бистарикунонӣ ба мушоҳида мерасад, ки дар натиҷа барои соҳаи тандурустии сатҳи дуюм (шифохонаҳо) қисми зиёди маблағгузорӣ равона гардида, арзиши он гарон ва барои аҳолии камбизоат дастнорас аст. Аксарияти аҳолӣ дар айни ҳол муассисаҳои тиббии тандурустии аввалияро сарфи назар намуда, барои дарёфти ёрии тиббӣ бевосита ба беморхонаҳо рӯй меоранд. Дар ҳудуди ноҳия 42 адад хонаи саломатӣ фаъолият мекунад, ки 18-тои онҳо ба таъмир 6 адад ба сохтани бино эҳтиёҷ доранд.

*Сатҳи маълумотнокии кормандони муассисаҳои тиббии н. Қубодиён дар соли 2014 (нафар)*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ | Дигар кормандон |
|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 433 | 216 | 57 | 160 |
| Хадамоти бистарӣ | 496 | 237 | 69 | 190 |

Соли 2014 дар муассисаҳои табобатӣ 137 нафар мутахассисон маълумоти олидор, 400 нафар кормандон бо маълумоти миёнаи тиббӣ дар муассисаҳои соҳаи тандурустии ноҳия фаъолият мекунанд.

*Коэффисиенти таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо*

| Номгӯи нишондодҳо | Ҳаҷми ченак | с.2012 | с.2013 | с.2014 |
|---|---|---|---|---|
| Духтурон | нафар | 108 | 112 | 118 |
| Таъмини аҳолӣ бо духтурон | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 7,2 | 7,8 | 8,5 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 23,2 | 24,1 | 24,8 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо катҳо | 1 кат ба 10 ҳазор аҳолӣ | 21,6 340 | 21,1 340 | 21,2 340 |

Чуноне, ки дар нақша зикр гардидааст, нишондиҳандаи таъминоти аҳолӣ бо духтурон дар се соли гузашта ба 0,9 % ва кормандони миёнаи тиббӣ 1,3 фоиз зиёд шудааст.

Бо сабаби кам будани музди маош, истифода нашудани имтиёзҳо ва кӯмакҳои моддӣ қисме аз кадрҳои ҷавон баъд аз хатми донишкадаҳо, омӯзишгоҳҳои тиббӣ, ба деҳот барнамегарданд. Синну соли миёнаи кормандони тиб дар ҳолати ҳозира ба 38 сола рост меояд.

Мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи тандурустии ноҳияи ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) бадгардидани заминаи моддию техникие, ки боиси паст шудани сифати хизматрасонии тиббӣ ва баланд шудани сатҳи паҳншавии сироятҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ хатарнок ва фавти модару кӯдак мегардад; 2) суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ (иштироки маҳдуди бахши хусусӣ, истифодаи ғайрисамарабахши воситаҳои мавҷуда аз сабаби номукаммалии механизмҳо ва маҳдуд будани ҳаҷми маблағгузорӣ); 3) ба талаботи муосир ҷавобгӯ набудани шароити кори таҳлилгоҳи бактериологи, кимёви Маркази назорати давлатии санитарию-эпидемиологиии ноҳия (надоштани бино).

### 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи таъминоти иҷтимоии ноҳия аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

Марҳилаи кунунии рушди ноҳияи Қубодиён бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи аҳолии ноҳияи Қубодиён то 1 январи соли 2015 – 166,1 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 79,2 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

**Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Ҷадвали №1. Шумораи нафақахӯрон*
*аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2011-2014.*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Нафақахӯрон (аз рӯи синну сол) | 6871 | 7176 | 7554 | 7773 | 113 |
| Маъюбон | 1975 | 1857 | 1857 | 1641 | 83 |
| Маъюбони модарзод | 377 | 293 | 305 | 322 | 85 |
| Бесаробонмондагон | 931 | 913 | 895 | 897 | 96 |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 9700 | 10016 | 10290 | 10384 | 107 |
| Оилаҳои камбизоат, ки ҷубронпулии пардохти истифодаи хизматрасонии коммуналӣ (нерӯи барқ) мегиранд. | 4600 | 4600 | 4600 | 4048 | 88 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳода, ин нишондод дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 107 фоиз афзоиш ёфтааст, ки аҳамияти бештарро ба худ талаб менамояд.

Ба 01.01.2015 дар ноҳия 5 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 20 нафар маъюбони Чернобил ва 1618 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 умр ба сар мебаранд, ки аз ин 851 зан ва 792 нафар мард мебошанд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини маъюбон бо курси-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (ассо, узвҳои сунъи (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошанд. Бо назардошти сол то сол зиёд гардидани талаботи маъюбон ба курсӣ-аробачаҳо эҳтиёҷоти умумӣ тибқи дурнамо дар давраи солҳои 2016-2020 беш аз 80 ададро ташкил медиҳад.

Дар ин давра (ба 01.01.2015) дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақа 199,4 сомонӣ, аз ҷумла аз рӯйи пиронсолӣ 208 сомони, аз руйи гум кардани яке аз волидайн 210,16 сомони, аз руйи маъюби 249,7 сомони ва нафакаи ичтимоии 128,8 сомониро ташкил медихад.

Шумораи умумии хоҷагиҳои хонагие, ки барои истифодаи нерӯи барқ кӯмакпулӣ мегиранд бо ҳолати 1 январи соли 2015 3805 ададро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба соли 2011 ба 17 фоиз коҳиш ёфтааст, ки аз беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ дарак медиҳад.

*Диаграммаи №1. Ҳаҷми пардохти кӯмакпулиҳо ва ҷубронпулиҳо тӯли солҳои 2013-2014 (ҳазор сомонӣ)*




*Диаграммаи №2. Талаботи моҳонаи нафақа дар тӯли солҳои 2011-2014 (ҳазор сомонӣ)*




Яке аз мушкилотҳои асосие, ки сади роҳи пешниҳоди саривақтӣ ва босифати хизматрасонӣ дар соҳаи мазкур шуда истодааст ин дар ҳолати ногувор қарор доштани бинои маъмурии Раёсати Агентии давлатии суғуртаи ичтимоӣ ва нафақа ва нарасидани техника ва таҷҳизотҳои лозима ба ҳисоб меравад. Барои пешниҳод намудани хизматрасонии бо сифати иҷтимоӣ ва таъмини шароити мусоид барои фаъолияти босамари кормандони соҳа аз таъмирӣ асосӣ баровардани Раёсати Агентии давлатии

суғуртаии иҷтимоӣ ва нафақа ва бо техника ва таҷҳизотҳои лозима таъмин намудани он зарур мебошад.

Бо мақсади дастгирии молиявии кӯдакони синни мактабӣ аз оилаҳои камбизоат дар соли 2014 барои 4352 нафар дар ҳаҷми 152,3 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шуд. Ҳамазамон, дар ин давра баҳри дастгирии оилаҳои камбизоат (4048 оила) дар ҳаҷми 718,6 ҳазор сомонӣ ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ пардохт карда шудааст.

Талаботи умумии моҳонаи нафақа ба ҳолати 01.01.2015 -2070,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 810 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфта, ё ин ки 164,2 фоизро ташкил менамояд.

Яке аз омилҳои асосие, ки дар афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа таъсири мусбӣ расонидааст, ин дар заминаи рушди иқтисодиёти кишвар ва зиёдшавии имкониятҳои молиявӣ интишор гардидани Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, таҳти №1493 “Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо” мебошад.

Бо мақсади зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии нафақахӯрон зиёдшавии нафақа ва кӯмакпулиҳо пешбинӣ карда шудааст.

Дар соли 2014 ҳаҷми миёнаи нафақа 199,42 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2011 ба андозаи 71,32 сомонӣ ва ё 55,5 фоиз зиёд мебошад.

**Хизматрасонии кӯмаки иҷтимоӣ дар хона.** Дар ин самт Шӯъбаи хизматрасонии кӯмаки иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён фаъолият менамояд, ки хизматрасонии суроғавиро ба анҷом мерасонад. Шумораи умумии кормандони шуъба 8 нафарро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 шумораи умумии нафароне, ки барои дастрасии хизматрасонии суроғавӣ ба шуъбаи мазкур расман мурочиат намуданд, 80 нафарро ташкил медиҳад, ки танҳо ба 66 нафари он пурра хизматрасониҳои лозима ба анҷом расонида мешавад

Дар ҳудуди ноҳия шумораи ниёзмандон ба хизматрасонии суроғавӣ хеле зиёд буда, ҳалли дурусти ин масъала диққати махсусро талаб мекунад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин нарасидани маводҳои ниёзи аввал (хӯрока) ба ниёзмандон мебошад. Зеро аксари эҳтиёҷмандонро камбизоатон ташкил дода, сарчашмаи иловагии даромад надоранд. Дар ин самт ҷалб намудани ташкилотҳои дохилию хориҷӣ барои дастгирии ниёзмандон ва ба роҳ мондани хизматрасонии хушсифат зарур аст.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар н Қубодиён дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмилалӣ низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи ноҳия ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он, оияндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

*Маълумот оид ба шугл ва сатҳи бекорӣ дар солҳои 2012-2014 (нафар)*

| Нишондод | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Шумораи аҳолӣ | 157186 | 158620 | 166125 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 79220 | 80493 | 84070 |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | 41089 | 42878 | 44560 |
| Аҳолии дар иқтисодиёт расман машғулбуда | 38131 | 37613 | 39510 |
| Аҳолии ғайри фаъолияти иқтисодӣ | 966 | 1031 | 1045 |
| Бекорон (расман ба қайд гирифта шуда) | 1915 | 3340 | 3643 |
| Таъсиси ҷойҳои кории нав | 1915 | 3340 | 3643 |

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҷониби шӯъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 3643 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 2195 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳаллҳо нисфи зиёди коркабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад.

Дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи поён овардани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

*Диаграммаи №3. Дастраси бекорон*
*ба қарзҳои имтиёзнок дар тӯли солҳои 2011-2014*




*Ҷадвали №2. Раванди татбиқи Барномаи мусоидат*
*ба шуғли аҳолии н. Қубодиён барои солҳои 2011-2014.*

| Номгӯи ҷорабиниҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 1950 | 1985 | 2000 | 2050 | 3300 | 3340 | 3608 | 3643 | 187 |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 450 | 472 | 500 | 530 | 530 | 555 | 585 | 638 | 142 |
| Касбомузӣ | 70 | 75 | 105 | 105 | 180 | 250 | 230 | 270 | 386 |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 60 | 65 | 60 | 62 | 60 | 61 | 60 | 60 | 100 |

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳо нақшаи дурнамо бар зиёд иҷро карда мешавад. Новобаста аз ин солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ғайри буҷетӣ ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Дар ин замина, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ зарур аст.

Дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2011-2014" дар давоми солҳои 2011-2014 беш аз 700 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб - компютер) хатм намудаанд.

Хароҷоти буҷети ноҳияи Қубодиён барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа ҳаҷми хароҷоти алоҳида новобаста аз талаботи соҳа дар асоси имкониятҳои буҷети маҳаллӣ таҳия мегардад.

*Диаграммаи №4. Фоизи хароҷоти буҷети ноҳияи Қубодиён барои соҳаҳои иҷтимоӣ тӯли солҳои 2013-2014*




| | 2013 | 2014 |
|---|---|---|
| Маориф | 67,4 | 71,1 |
| Тандурустӣ | 22,2 | 19,6 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 1,1 | 0,7 |
| Фарҳанг | 1,6 | 1,7 |

Таҳлили дар диаграмма овардашуда нишон медиҳад, ки буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, соли 2014 93 фоизи он ба ин соҳаҳо равона шуда, дигар хароҷот 7 фоизро ташкил медиҳад. Новобаста аз ин, бештари маблағҳое, ки дар ин самт ҷудо мегардад, ба соҳаҳои маориф ва тандурустӣ равона гардида, қисми аз ҳама камтари он барои рушди соҳаҳои гуногуни ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сафарбар карда мешавад.

Маблағи ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинишуда барои пардохти ҷуброни мактаббачаҳо (аз оилаҳои камбизоат), кӯмаки якваққта барои шахсоне, ки дар натиҷаи садамаи Чернобил зарар дидаанд, ҳавасмандгардониҳо дар вақтҳои ҷашн ва идҳо барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат, маъюбони модарзод равона карда мешавад.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пули аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 146,8 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, сохтмон ва саноат ба назар мерасад. Дар

натиҷаи ин хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани музди меҳнат сол аз сол ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти кори шоиста ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

*Ҷадвали №3. Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо*
*дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2011 бо% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Саноат | 397,81 | 766,71 | 677,65 | 975,64 | 245,2 |
| Кишоварзӣ | 145,42 | 172,12 | 255,05 | 260,94 | 179,4 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 279,24 | 304,06 | 355,54 | 384,26 | 137,6 |
| Нақлиёт | 216,99 | 259,25 | 434,19 | 487,94 | 224,8 |
| Алоқа | 299,13 | 416,29 | 448,58 | 551,73 | 184,4 |
| Мақомоти давлатӣ | 562,66 | 587,17 | 600,23 | 663,70 | 117,9 |
| Маориф | 261,98 | 348,94 | 534,88 | 605,25 | 231,0 |
| Тандурустӣ | 310,89 | 401,16 | 517,15 | 578,91 | 186,2 |
| Фарҳанг | 241,17 | 332,96 | 413,93 | 484,50 | 200,8 |
| Бонкҳо | 928,71 | 1117,35 | 1429,49 | 1568,96 | 168,9 |
| Сохтмон | - | - | 879,74 | 658,04 | - |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 246,35 | 338,22 | 494,10 | 550,05 | 223,3 |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки чун пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда сатҳи даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи қоидаҳои Кодекси меҳнат риоя намекунанд.

**Сатҳи бекорӣ.** Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа яке аз ҳадафи стратегиии Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ аст. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровадани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар аст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман бақайдгирифташуда сари вақт ва пурра ба кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста аст. Дар баробари ин ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаан) дар соли 2014 нисбат ба соли 2010 ба 15 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар соли 2014 аз шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда танҳо 42 фоизи он ба кор таъмин карда шудааанду халос.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ (86068 нафар) шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол 44918 нафарро ташкил медиҳад, ки 52,2 фоизашро бекорон ташкил медиҳанд. Бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Таи чор соли охир дар доираи “Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Қубодиён дар тӯли солҳои 2011 – 2014” беш аз 2195 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда шуд.

*Диаграммаи №5. Барномаи мусоидат бо шуғли аҳолӣ барои солҳои 2011-2014 (нафар)*




Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби шӯъбаи агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2011-2014 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 172 нафарро ташкил дода, ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 466885 сомонӣ баробар аст.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 1 нафар ба маблағи 2600 сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

Дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи поён овардани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён то соли 2020 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад то соли 2020 ташкили 13550 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

Солҳои 2011 – 2014 аз ҳисоби оилаҳои камбизоат ва осебпазири ноҳия гурӯҳи худёрирасон таъсис дода шуда, оид ба масъалаҳои кор дар гурух, ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзоён, тарзи банақшагирии фаъолияти гурӯҳ омӯзишҳо гузаронида шуд. Дар баробари ин, гурӯҳ оид ба роҳҳои беҳтар намудани зиндагии худ, аз ҷумла машғул шудан бо соҳибкории хурд ва фаъолияти даромаднок иттилоъ гирифтанд. Дар асоси шартнома аз тарафи ташкилот ба ин гурӯҳҳо қарзи бефоиз дода шуд, ки бо истифода аз ин аъзоёни гурӯҳ фаъолияти даромадноки худ (харгӯшпарварӣ, мурғпарварӣ, фурӯши ашёи мактабӣ, парвариши сабзавот, духтани куртаҳои занона ва фурӯши маводи хӯрока)-ро оғоз намуданд.

Яке аз мушкилотҳои асосие, ки мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст ин ба талаботҳои муосири фаъолияти корӣ мутобиқ набудани шароити кории шӯъбаи Агентии меҳнат, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Муассисаи мазкур солҳои зиёд аст, ки дар бинои меҳмонхонаи хусусӣ ба таври иҷоранишин фаъолият намуда, аз нарасидани техникаю таҷҳизотҳои замонавӣ ва воҳидҳои корӣ танқиси мекашад.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Муҳоҷирати меҳнатӣ ба монанди тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ ба шумор меравад. Аз рӯи ҳисоботи расмии оморӣ дар соли 2014

шумораи умумии муҳоҷирон 9272 нафарро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2013- 209 нафар зиёд гардидааст. Соли 2014 танҳо тавассути 5 филиали бонк (Амонатбонк, Тоҷиксодиротбонк Агроинвестбонк, Эсхата ва Ориёнбонк) аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 35,2 млн. доллари ИМА, интиқоли маблағ ворид гаштааст.

Бо мақсади мусоидат ба танзими ҷараёни муҳоҷирати муташаккилонаи бурунмарзии меҳнатӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин дар назар аст:

– фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртакунонии ҷамъшаванда ва ихтиёрӣ;
– пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта;
– ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз - «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши муҳоҷиратӣ меҳнатӣ доранд;
– ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷират тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ доранд;
– ташкил ва татбиқи механизми шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ;
– самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ;

Ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ) тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ яке аз афзалиятҳои рушди ноҳия ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳалли ин мушкилот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07.2011 №332 “Дар бораи тасдиқи нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013” ба тасвиб расидааст.

***Мушкилиҳои асосии соҳа:***

– нарасидани воситаҳои техникӣ, курсӣ-аробачаҳо барои маъюбон;
– номутобиқатии ташкили таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ба стандартҳои умумӣ қабулгардида;
– рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмӣ;
– сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрӣ дар байни ҷавонон;
– набудани техника ва технологияҳои замонавӣ дар муассисаҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ;
– саривақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд.

### 3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

Дар ноҳияи Қубодиён 24 адад муассисаҳои оммави-фарҳангӣ, аз он ҷумла 1 қасри фарҳанг, 4 клуб, 18 китобхонаҳои деҳоти, 1 мактаби бачагонаи санъат ва 1 осорхонаи таъриху кишваршиносӣ мавҷуд аст.

Шумораи умумии кормандони соҳа дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия 88 нафарро ташкил дода, аз ин 5 нафар дорои маълумоти олӣ, 6 нафар дорои маълумоти олии ғайрисоҳавӣ, 18 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 59 нафар дорои маълумоти миёна буда, ки аз ин 13 нафарашон кормандони техники мебошанд.

Бо мақсади баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони соҳа дар давоми солҳои 2010-2014 беш аз 10 нафар аз тарафи бахши фарҳанги ноҳия (оид ба коргардони, корманди муассисаҳои клуби ва китобдорони китобхонаи оммавӣ) ба донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон барои такмили ихтисос ирсол карда шудаанд.

Дар айни замон муассисаҳои фарҳангии ноҳия аз нарасидани мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ танқиси мекашанд. Шумораи умумии эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисос 15 нафарро ташкил медиҳанд.

**Осорхонаи таърихи кишваршиносӣ.** Осорхона 18-уми октябри соли 1988 ташкил шудааст, ки аз 1926 адад нигораҳои асрҳои 6-то мелод то имрӯзаро дар бар мегирад. Осорхона аз 4 ҳуҷра иборат аст:

1. Бостоншиносӣ- бозёфтҳои ёдгориҳои таърихии "Тахти Сангин"
2. Таърих ва ҳунар- бозёфтҳои ҳунарҳои мардумии ноҳия.
3. Ганҷинаи Ҳаким Носири Хусрав.
4. Мардумшиносӣ

Дар осорхона наққошӣ –7 адад, графикӣ-20 адад, ҳайкалтарошӣ – 57 адад, маснуоти амалӣ – 48 адад, ашёҳои археологӣ -245 адад, ашёҳои маишию этнографӣ – 147 адад, ҳуҷҷатҳо – 274 адад, дигар ашёҳо -480 адад, ҳуҷҷатҳои гуногун – 180 адад, ҳар гуна асъори пулии дигар мамлакатҳо – 468 адад мавҷуд аст, ки тасвиркунандаи таърихи гузаштаю имрӯза ва фарҳанги ниёгони мардуми заҳматкаши ноҳия мебошанд.

Мушкилиҳои осорхона таъмирталаб будани ҳуҷраи таърих ва ҳунар, нарасидани мизу курсӣ ва ҷудо нагаштани маблағ барои харидори намудани нигораҳо.

**Боғи фарҳангӣ ва истироҳатӣ.** Боғи фарҳангӣ соли 2012 ба тарзи ҳашари умуми ташкил ёфта, аз ҳисоби бақияи озоди буҷети маҳаллӣ маблағгузори карда шудааст. Дар ин давра гирди боғ бо панҷараи муҳофизати ҳифз карда шуда, дар он 717 ниҳолӣ ороиши нашъу намо дорад.

**Китобхона**. Дар ноҳия 18 китобхонаи оммавӣ фаъолият намуда, аз ин 2 китобхона дар тавозуни бахши фарҳанг буда, 2 китобхонаи шахсӣ ва 14 китобхонаҳои деҳотӣ ба ҷамоатҳои деҳоти ноҳия тааллуқ доранд.

Мушкилиҳои китобхонаҳо дар тавозуни бахши фарҳанг набудани биноҳои алоҳидаи 7 китобхона, норасогии китобҳои тозанашр, мизу курсиҳо ва сохтмони 1 маркази фарҳангӣ фароғатӣ дар ҷамоати деҳоти 20 солагии Истиқлол мебошад.

**Мактаби бачагонаи санъат.** Мактаб соли 1979 ташкил шуда, то имрӯз фаъолият дорад. Шумораи умумии хонандагон 137 нафар буда, ба хонандагон 10 нафар омӯзгорон дар шӯъбаҳои рубоб, чанг, ракс, доира, таблак, рассомӣ ва омӯзиши компютер ҳунар меомӯзанд.

Мушкилиҳо нарасидани синфхонаҳо, омӯзгорони касбӣ, адабиётҳои мусиқӣ ва асбобҳои мусиқии халқӣ мебошад.

### 3.5. Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш

**Соҳаи сайёҳӣ.** Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ёдгориҳои машҳури таърихӣ, ландшафти зебои кӯҳӣ дар атрофи ноҳия метавонад дар рушди минбаъдаи ноҳияи Қубодиён ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Халқи хирадманди гармчеҳраи ин сарзамин бо меҳмон дӯстии хеш метавонад ба ин минтақаи сайёҳӣ файзу баракати тоза бахшад.

Рушди соҳаи туризм баҳри паст кардани сатҳи бекорӣ дар ноҳия замина ва имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад.

Инчунин руди соҳаи мазкур барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои пешбурди сиёсати соҳа ва татбиқи самараноки он дар ноҳия бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ амал намуда истодааст, ки дар он 11 нафар мутахассисон фаъолият менамоянд.

Ҳамчун мавзеи сайёҳӣ дар атрофи ноҳия дарёи Вахш мебошад, ки барои ҷалбӣ сайёҳони дохили ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳа айни замон 2 адад хатсайрҳои гуногун ташкил гардидааст, ки ҳамасола аз он тамоми сайёҳон истифода мебаранд.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ сол то сол ба рушди соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода шуда, дар ин замина аз 28 майи соли 2009, №299 «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» қабул карда шудааст, ки дар асоси ин қарори раиси ноҳия аз 13 августи соли 2009, № 683 қабул карда шуда, дар доираи он то соли

2014 дар ноҳияи Қубодиён ба анҷом расонидани сохтмонҳои хусусӣ дар мавзеъҳои дарёи Вахш дар назар дошта шудааст.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии воситаҳои молиявӣ мебошад. Бинобар маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ аксар чорабиниҳое, ки дар барнома пешбинӣ гардидааст, саривақт маблағгузорӣ ва иҷро карда намешаванд.

Қайд кардан зарураст, ки бо мақсади инкишофи соҳаи варзишӣ-кӯҳнавардӣ барои сайёҳони хориҷӣ ва дар ин замина ҷалб намудани ҷавонони ноҳия яке аз имкониятҳои хуби ноҳия дар рушди соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, агар кӯҳҳои мавҷудаи ноҳияи Қубодиён аз гиёҳҳои шифобахши табиӣ бой бошад, аз тарафи дигар, талу теппаҳои баланди он диққати касро ба худ ҷалб менамояд.

Илова бар ин барои боз ҳам беҳтар гардонидани хизматрасонии соҳа ва қабули бештари меҳмонон ва ё заминаи мусоид фароҳам овардан барои рақобати солим дар ин самт боз то соли 2016 сохтмони 1 меҳмонхонаи дигари нави замонавӣ дар назар дошта шудааст.

Мутаассифона, дар ноҳия ташкилоту муассисаҳои муаррификунандаи туризм фаъолият намекунад. Дар ин самт бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳияи Қубодиён аз ҷиҳати надоштани воҳиди корӣ ва маблағгузорӣ нагардидани соҳа танқисии зиёд мекашад. Илова бар ин, ҳоло ҳавасмандии корхонаҳои муштараки туристии хориҷӣ барои дар ин минтақа кушодани намояндагии худ эҳсос карда намешавад.

**Варзиш.** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 2 июли 2011, №278 ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар ноҳия аз нақшаи чорабиниҳои рушди соҳа мушаххас тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо дар назар дошта шудааст, аз ҷумла дар доираи он ташкили дастаи “Пахтакор”-и футбол дар лигаи якӯми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст. Дар соли 2015 барои татбиқи амалии чорабиниҳо 310,1 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳоло дар ноҳия 307 нуқтаҳои варзишӣ мавҷуд аст, ки аз ин 3 майдони варзишӣ дорои ҷойи нишаст, 35 адад майдончаҳои футбол, 15 адад майдончаҳои туби дастӣ, 48 адад майдончаи волейбол, 26 адад толори варзишӣ мебошанд.

Дар ноҳия 1 мактаби варзишӣ фаъолият намуда, барои пешбурди соҳа 14 нафар мутахасисон кор менамоянд.

Бештари муассисаҳои варзишӣ толорҳои варзишӣ ё ин, ки майдонҳои варзишии дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия ҷойгир шудаанд, ки ба рушди минбаъдаи соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

Варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи гуногун, аз ҷумла мусобиқоти вилояти ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷоиҳои ифтихорӣ мегарданд.

*Ҷадвали №1. Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2011- 2014*

| №. | Солҳо | Мусобиҳаҳои ноҳиявӣ | Вилоятӣ | Ҷумҳуриявӣ | Байнал-милалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2011 | 25 | 20 | 11 | - | 56 |
| 2 | 2012 | 27 | 21 | 12 | 1 | 61 |
| 3 | 2013 | 28 | 19 | 11 | 1 | 59 |
| 4 | 2014 | 29 | 20 | 9 | 2 | 60 |

Иншоотҳои варзишии ноҳия дар бисёр мавридҳо ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ намебошанд ва ба таъмир ниёз дошта, ҳамчунин дар онҳо кормандони сатҳи миёнаи тиббӣ намерасанд. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ ва майдонҳои футболбозӣ эҳсос гардида, аксарияти онҳо соддаву оддӣ сохта шуда, дар ҳолати ногувор қарор доранд.

*Ҷадвали №2. Ҷоизаҳои варзишгарони ноҳия*
*дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2011- 2014*

| №. | Солҳо | Медали тилло. | Медали нукра. | Медали биринҷӣ. | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2011 | 4 | 9 | 12 | 25 |
| 2 | 2012 | 5 | 8 | 11 | 24 |
| 3 | 2013 | 3 | 6 | 10 | 19 |
| 4 | 2014 | 2 | 5 | 12 | 19 |

Лозим ба зикр аст, ки баъзе аз деҳаҳои ноҳия аз марказ дар масофаи дур воқеъ мебошанд ва дар қаламрави онҳо ягон майдонча ё толори варзишӣ мавҷуд нест. Бинобар дурии роҳ кӯдакони ин деҳаҳо аз иштирок дар ҳама чорабиниҳои варзишӣ маҳрум мебошанд.

Дар деҳаҳои гирду атрофи ноҳия ҳамчунин ашёву афзори варзишӣ, таҷҳизоти машққунӣ ва дигар иншоотҳои варзишӣ ба таъмир эҳтиёҷ доранд.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ

Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳсозии сатҳи дастрасӣ ба оби ошомидании хушсифат яке аз мақсадҳои асосии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола буда, барои ноҳия афзалияти аввалин дараҷа дар панҷ соли оянда аст.

Оби нӯшокии аҳолии маркази ноҳияи Қубодиён ва деҳаҳои атрофии он аз пойгоҳҳои обгирии деҳаи Ахча ва Қиёт, ки соли 1974 ба истифода дода шуда буд ва дар айни ҳол фаъолият намекунад.

Бо сабаби афзоиши зиёди аҳолии маркази ноҳия ва деҳаҳои атрофии он ва мавҷуд набудани манбаи нави оби нӯшокӣ аҳолии марказ ва деҳаҳои дар боло зикр шуда, бо оби нӯшоки таъмин карда намешавад.

Аҳолии боқимонда, хусусан аз маҳаллаҳои навбунёду деҳаҳо, ки шабакаҳои обгузар надоранд, аз оби ҳавзҳо, ҷӯйборҳои худҷори ва оби бо мошинҳо овардашуда, истифода мебаранд.

Барои таъмини аҳолии ноҳия, маҳаллаҳои атроф, корхонаю муассисаҳо бо оби нӯшокӣ ва хизматрасонии обҳои коррезӣ дар ноҳия Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи ноҳия соли 2015-ум ба фаъолият шурӯъ намуд. Як хусусияти хоси корхонаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ ва обу коррезии хонаҳои баландошёнаи маркази ноҳия ва ду деҳаи гирду атрофи онро фаро мегирад.

Дар тавозуни корхона 3 адад истгоҳи обкаши обинӯшокӣ (чоҳҳои амудӣ) мавҷуд аст. Масоҳати умумии шабакаҳои оби нӯшокӣ 32 км-ро ташкил медиҳад.

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа ин дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ, махсусан ҷамоатҳои деҳот ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза маҳсуб меёбад. Ҳавзҳои деҳаҳо аз тарафи аҳоли бо роҳи ҳашар тоза карда мешавад ва аз тарафи ягон ташкилотҳои назорати санитари назорат карда намешавад. Оби ифлоси ҳавз ва ҷуйборҳо сабабгори зиёд гардидани касалиҳои сироятӣ гардидааст.

*Ҷадвали 1. Таъмини оби нӯшокӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Аҳолии мавҷуда | Аҳолии ба оби нӯшокӣ дастрасӣ дошта | % таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ | Аҳолии ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта | % аҳолие, ки бо оби нӯшоки таъмин нест |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Носири Хусрав | 36206 | 30120 | 83% | 6086 | 17 |
| 2 | Тахти Сангин | 37961 | 29050 | 76,5% | 8911 | 23,5 |
| 3 | У.Назаров | 21532 | 15100 | 70,1% | 6432 | 29,9 |
| 4 | 20 солагии Истиқлол | 28542 | 21510 | 75,3% | 7032 | 24,7 |
| 5 | Навобод | 10484 | 5110 | 48,7% | 5374 | 51,3 |
| 6 | Заркамар | 12198 | 6040 | 49,5% | 6158 | 50,5 |
| 7 | Ишмурод Ниёзов | 19202 | 13100 | 68,2% | 6102 | 31,8 |
| | Ҳамагӣ: | 166125 | 120030 | 72,2% | 46095 | 27,8 |

Яке аз мушкилиҳои соҳа набудани дастрасии аҳолӣ ба сарчашмаҳои асосии обгирӣ, аз кор баромадани чоҳҳои артезианӣ ва насосҳои обкашӣ, набудани системаи обтаъминкунӣ дар маҳаллаҳои навбунёд ва ё аз кор баромадани системаҳои мавҷуда дар дигар мавзеъҳо ба ҳисоб меравад.

Дар марказ 3 адад насосҳои обкашӣ корношоям ва 17 км. хатҳои обрасонӣ мавҷуд буда, ки онҳо таъмир талаб мебошанд.

Бинобар гарон будани қисмҳои эҳтиётӣ ва норасогии воситаҳои молиявӣ сохтор имконияти азнавсозии иншоотҳои мавҷударо надоранд.

Бинобар солҳои тӯлонӣ истифода гардидан ва сари вақт таъмири асосӣ нагузаронидан фарсуда шуда, таъмирталаб мебошанд. Аз ин сабаб зарурати иваз намудан таҷҳизот ва қубурҳои мавҷуда ба миён омадааст.

Системаи обу ташноби (канализасия) ноҳия умуман вуҷуд надорад.

Дар доираи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2.12.06) дар маркази ноҳияи Қубодиён барқарорсозии иншоотҳо ва хатҳои қубури мавҷудаи системаи обтаъминкунӣ, таҷдид ва аз нав сохтани хатҳои обгузар ва дигар сохтмонҳо барои солҳои 2016-2020 ба нақша гирифта шудааст. Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ дар доираи Барномаи номбурда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 83879,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз он ҷумла барқарорсозии системаи обтаъминкунии маркази ноҳия (57,5 км) 20878,0 ҳазор сомонӣ, бо оби нушокӣ таъмин намудани аҳолии ҷамоатҳои деҳоти И.Ниёзов, Н.Хусрав, Навобод ва 20 солагии Истиқлол (310,9 км) 53449,0 ҳазор сомонӣ ва барқарорсозии системаи обу корезии ноҳия (17 км) 9552,0 ҳазор сомонӣ ба маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ ва сармояи хориҷӣ эҳтиёҷ дорад.

Дар сурати сари вақт ҷудо гардидани маблағҳои пешбинӣ гардида ва татбиқи самараноки лоиҳаҳо сифати таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳия беҳтар гардида, аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мегардад.

Илова бар ин сари вақт гузаронидани ташхис ва безарар гардонидани оби ошомиданӣ дар асоси технологияи муосир ба мақсади паҳн нашудани касалиҳои сироятӣ зарурат дорад.

**Мушкилии асосӣ дар таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ аз инҳо иборат аст:**

- *Таъмини шабакаҳои обтаъминкунӣ бо нерӯи барқ тибқи меъёр;*
- *Ҳолати ғайриқаноатбахши техникии иншоотҳои обтаъминкунӣ;*
- *Нарасидани таҷҳизотҳои барқии қудратнок ва гидромеханикӣ;*
- *Саривақт пардохт нагардидани ҳаққи хизмати обрасонӣ аз ҷониби истифодабарандагон,*
- *Вуҷуд надоштани баҳисобгирии дақиқи истифодабарии об ва обченкунакҳо.*

**4.2. Хадамоти рифоҳӣ (Хоҷагии манзилию коммуналӣ)**

Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ хизматрасонии коммуналиро фаъолияти худро дар самти нигоҳдории фонди манзил, тозагию санитарӣ, ободонию кабудизоркунӣ, равшаннамоӣ ва ғайра ба роҳ мондааст.

Сабаби асосии пурра фаро гирифта нашудани муассисаҳои маркази ноҳия ба хизматрасонии коммуналӣ, агар аз як тараф набудани шартномаҳои тарафайн бошад, аз тарафи дигар ин суст будани иқтидори техникии корхона ба ҳисоб меравад. Суст будани имкониятҳои молиявӣ ва маблағзории соҳа боис гардидааст, ки таи 20 соли охир ягон техника ва таҷҳизотҳои замонавӣ ворид карда нашудааст, ки корро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Дар соли 2014 аз тарафи буҷаи маҳалли барои ободонӣ 280000 сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Дар корхона 1 адад автомашинаи ГАЗ-53 барои баровардани партовҳои маишӣ ва 1 адад автомашинаи ЗИЛ-130 обпошак мавҷуд мебошад.

Айни замон, тоза ва кашонидани партовҳо, корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, тайёрӣ ва ҷашнгирии маъракаҳои сиёсию оммавӣ, ороиши кӯчаҳои ноҳия бо шиору навиштаҷот, таъмири системаи равшандиҳии кӯчаҳо, дархости шаҳрвандон ба зиммаи коргарони идора гузошта шудааст.

Ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба сари ҳар як истиқоматкунандаи маркази ноҳия дар тӯли солҳои 2011-2014 ба ҳисоби миёна 1,85 $м^3$ - ро ташкил медиҳад.

Корхона ба ҷуз аз истиқоматкунандагони ноҳия боз бо 41 адад корхонаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, 98 адад мағозаҳои тиҷоратӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад, ки ҳаҷми партовҳои аз корхонаҳои мазкур баровардашаванда 45 % ҳаҷми умумии партовҳои сахти маиширо ташкил медиҳад.

Мушкилиҳои асосии ин соҳа норасогии техника, ба хусус васоити техникии коммуналии ҳозиразамон, кӯҳнаю фарсуда гардидани шабакаҳои таъминоти об, кам

будани қуттиҳои ахлотпартоӣ, паст будани музди меҳнати коргарон ва баланд будани нархи сӯзишворӣ мебошад, ки ин ҳама ба баланд гаштани нархи хизматрасонӣ оварда расонидааст.

*Диаграммаи №1. Ҳаҷми умумии партовҳои сахти маишии баровардашуда*




Партовгоҳи марказӣ дар масофаи 10 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шуда, масоҳати умумии он ба 1,5 га баробар аст ва то кунун гирду атрофи он девор надорад. Илова бар ин нуқтаҳои ахлотпартоии мавҷуда талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад ва айни замон зарурати сохтмони нуқтаҳои нав ба миён омадааст. Бар замми ин бинобар боришоти зиёди пай дар пай каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд.

Барои беҳтар намудани сатҳи ва сифати хизматрасонии коммуналӣ ба идораи манзилию коммуналӣ зарурати дастрас намудани 1 адад автомошинаи ЗИЛ - 555, 1 адад трактори ЮМЗ ва трактори Т-28 ба миён омадааст.

Дар тавозуни Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ инчунин 18 км роҳҳои пиёдагард, 12 км латокҳои обгузар ва 1,5 га партовгоҳи марказӣ мавҷуд аст. Масоҳати умумии кабудизоркунӣ 4 га - ро ташкил медиҳад.

Дар соли 2015 барои фаъолияти идораи манзилию коммуналӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ 280,0 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба соли 2011 ба андозаи 20,0 ҳазор сомонӣ ва ё 6,7 фоиз кам мебошад. Маблағҳои дар ин давра ҷудогардида асосан барои пардохти музди меҳнат ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонӣ дар соли 2014 – 241,0 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2011 ба андозаи 142,8 ҳазор сомонӣ ва ё 139 фоиз зиёд мебошад. Қарзи муштариён дар назди корхона дар соли 2014 – 39,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Маблағҳои хизматрасонии коммуналӣ барои пурра ҳал намудани ҳамаи корҳои ба зимма гузошташуда ғайри имкон буда, барои таъмири роҳу роҳравҳо ва дигар иншоотҳо маблағ ҷудо карда намешавад. Ба ин нигоҳ накарда бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ҳамасола ба қадри имкон роҳҳу роҳравҳо таъмир карда мешаванд.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин нарасидани воситаҳои техникӣ ба техникаҳои партовкашонӣ, обпошдиҳанда, экскаватор, асенизатор ва техникаи боркашонӣ, мавҷуд набудани хатти оби нӯшокӣ дар аксарияти деҳаҳои ноҳия, дар тавозуни ҷамоатҳо қарор надоштани хатҳои обгузар ва масъалаҳои вобаста ба таъмири онҳо мебошад.

### 4.3. Таъмини барқ

Ба аҳолии ноҳия ҷиҳати таъминоти барқ идораи барқи ноҳия хизмат мерасонад. Дар фасли зимистон барқ аз рӯи лимит дода мешавад. Танҳо ба иншоотҳои соҳаи иҷтимоӣ ва маъмури дар фаслҳои тирамоҳу зимистон қувваи барқ бе маҳдудият таъмин карда мешавад.

Ба санаи 1 январи соли 2015 қарзи истифодабарии нерӯи барқ 4670,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, аз ин қарзи Идораи Давлатии беҳдошти замин ва обюёри (ИДБЗО) 429,9 ҳазор сомони, соҳаи кишоварзӣ 4154,7 ҳазор сомонӣ ва дигар соҳаҳо 85,8 ҳазор сомониро ташкил дод. Қарзҳои соҳаи кишоварзӣ аз истифодаи чоҳҳои амуди барои обёрии заминҳои кишоварзӣ ба вуқӯъ омадааст.

Дар ҳолати фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ тавоноии мавҷуда басанда набуда, ба зиёдбории зеристгоҳҳои трансформаторӣ оварда мерасонанд, ки дар натиҷа бисёр садамаҳо ба вуҷуд меоянд.

Таъминоти аҳоли ва корхонаҳо бо қувваи барқ дар мавсими тобистон пурра ба талабот ҷавобгӯй буда, дар фасли зимистон талаботи аҳолӣ нисбати барқ 35 % қонеъ карда мешавад. Сабаби асосии он норасогии тавоногии барқ мебошад.

Тавассути сохтмони нерӯгоҳи хурд дар деҳаи Чинортуғай ҷамоати деҳоти Заркамари ноҳия муаммои барқро дар фасли зимистон қисман бояд ҳал намуд.

*Ҷадвали №1. Истифодабарии нерӯи барқ дар соли 2014 (ҳаз.сомони)*

| Номгуй | Нақша | Иҷро | Фоиз |
|---|---|---|---|
| Интиқоли барқ, кВт. соат | Х | 87.351 | Х |
| Маблағи ҳисобшуда ва пардохтшуда | 7.013 | 6.149 | 87,7 |
| Аз он ҷумла аҳоли | 4.810 | 4.629 | 96,2 |
| Маблағи ҳисобшудаи Идор. об | 643 | 218 | 33,9 |
| Қарзи барқ | Х | 4.670 | Х |
| Аз ҷумла қарзи Идораи об | Х | 430 | Х |

*Ҷадвали №2. Бақияпулиҳои истифодабарии нерӯи барқ*

| Номгуй | Қарз ба 1.01.15с | Маблағи ҳисоб шуда | Маблағи пардохт шуда |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои саноатӣ | -33041 | 69392 | 89114 |
| Ғайрисаноатӣ | 365 | 3236 | 2386 |
| Хоҷагиҳои пахтакор | 4154686 | 0 | 0 |
| Буҷетӣ ҷумҳуриявӣ | -323 | 2892 | 0 |
| Буҷетӣ маҳаллӣ | -29762 | 12906 | 5700 |
| ИДБЗО | 424949 | 21945 | 0 |
| КФД ХМК | 83526 | 0 | 0 |
| Тиҷоратӣ | -18 | 30546 | 30546 |
| Аҳолӣ | 47999 | 699128 | 350572 |
| Ҳамагӣ: | 4670429 | 840045 | 478317 |

Мушкилии асосие, ки дар ин самт дида мешавад, ин аз меъёр зиёд истифода намудани нерӯи барқ мебошад. Дар айни замон зеристгоҳҳои мавҷуда бо назардошти дар фасли зимистон аз меъёр зиёд истифода бурдани нерӯи барқ талаботи рӯзафзуни аҳолиро пурра ва саривақт бо нерӯи барқ таъмин карда наметавонанд.

Мушкилии дигаре, ки ба назар мерасад, ин кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқи ҳавоӣ ва симчубҳои хатҳои интиқоли барқ маҳсуб мeёбад. Аксари хатҳои интиқоли барқ солҳои 60-70-уми асри гузашта сохта шуда, дар ин муддат ягон маротиба корҳои азнавсозӣ гузаронида нашудааст, ки ин мушкилиро дар ин самт боз ҳам вазнинтар мегардонад. Илова бар ин, бинобар сол то сол зиёд гардидани шумораи аҳолӣ ва ташкили маҳаллаҳои навбунёд талабот низ ба нерӯи барқ зиёд гардида истодааст. Аз сабаби зиёд шудани аҳолӣ ва хонаҳои истиқоматӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия трансформаторҳои мавҷуда қобилияти пурра таъмин кардани аҳолии ин маҳаллаҳоро ба қувваи барқ надоранд.

Эҳтиёҷоти умумӣ барои иваз намудани трансформаторҳои тавоноиашон паст ба трансформаторҳои тавоноиашон баланд 30 ададро ташкил медиҳад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- кӯҳнаю фарсуда шудани хатҳои барқи ҳавоӣ;
- мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо;
- корношоям гардидани симчубҳои хатҳои интиқоли барқ;
- сол то сол зиёд гардидани қарздории ташкилоту муассисаҳо ва хоҷагиҳо дар назди корхона;
- сол ба сол зиёд шудани шумораи истифодабарандагони нерӯи барқ;
- баланд будани талафоти нерӯи барқ;
- норасогии ҳисобкунакҳои электронӣ.

**4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ**

Дар ноҳияи Қубодиён 178,5 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд буда, аз онҳо 34,5 км роҳҳои автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 144 км роҳҳои автомобилгарди аҳамияти маҳаллидошта мебошад.

Бо сабаби нокифоя будани маблағҳои барои нигоҳдории роҳҳо ҷудошаванда дар тули 20 соли охир ҳолати роҳҳо хеле ногувор гардидааст. Роҳҳои байни шаҳрак дар тавозуни корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилии ноҳия буда, роҳҳои ба ҷамоатҳо ва деҳаҳо баранда ба тавозуни Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия мансуб мебошанд.

Роҳҳои дохили ноҳия ва роҳҳои байни деҳаҳо ба таъмири капитали ниёз доранд.

Солҳои охир дар ноҳия бо роҳи ҳашар аз ҳисоби аҳолии тармиму таъмир ва барқарорсозии роҳҳо ба роҳ монда шуда истодааст.

*Диаграммаи №1. Роҳҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ*




**Намуди пӯшиши роҳҳо ба сурати зерин мебошанд:**

Роҳҳои асфалту бетонпӯш 122,4 км.

Роҳҳои сангфарш 56,1 км.

**Ҳолати техникӣ.** Дар парки автомобилии корхона 6 адад техникаи махсусгардонидашуда мавҷуд мебошад, ки аз он ҷумла 2 адад автогрейдер, 1 адад автомашинаи "Янчин", 1 адад трактори Т-28х4, 1 адад трактори ЮМЗ-6л, 1 адад экскаватори ЭО-2621 мебошад. Ҳама техникаҳои мавҷуда аз таъмир баровarda шуда, 4 адади он дар ҳолати корӣ қарор доранд.

Дар ноҳия 1 муассисаи нақлиётӣ фаъолият менамояд. Ғайр аз ин дар ноҳия ду ҷамъияти нақлиётии автомобилӣ боркашӣ ва мусофиркашӣ фаъолият менамоянд. Инчунин дар ноҳия 1 терминали мусофиркашонӣ мавҷуд аст, ки терминали «Сорбонқала» ба самтҳои байниноҳиявӣ ба самтҳои дохилиноҳиявӣ хизмат мерасонанд. Тамоми масолеҳ ва маҳсулоти ниёзи мардум ба воситаи нақлиётҳои автомобилӣ кашонида мешавад.

Мушкилии асосӣ барои муассисаи мазкур набудани техника, таҷҳизоти навин ва майдони таваққуфгоҳи он ба талабот ҷавобгӯ нест, аз ин сабаб хизматрасонӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

Қисми зиёди пулу роҳҳои мошингарди ноҳия бахусус роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта ба таҳдид ва азнавсозӣ ниёз доранд.

*Диаграммаи №2. Ҳаҷми мусофиркашони ва боркашони дар тӯли солҳои 2011-2014*




Дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ҳаҷми мусофиркашонӣ 2,8 маротиба афзоиш ёфта бошад ҳам, аммо нишондиҳандаи боркашонӣ бошад, баръакс 10,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Яке аз омилҳои асосие, ки ба нишондиҳанда таъсири манфӣ расонидааст ин баланд гардидан нархи сӯзишворӣ ба ҳисоб меравад.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ***: дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пулҳо, норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо махсусан роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталаб будани техникаи мавҷуда, аз офати табиӣ хароб гаштани қисми кӯпрукҳо ва таъмирталаб будани онҳо, фарсуда гаштани фарши қисми асосии аксарияти роҳҳои ноҳия, корношоям шудани воситаҳои техникӣ ва набудани техникаи ҳозиразамон дар МДНРА-и ноҳия.

### 4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

Нуқтаи қитъаи техникии филиали ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳияи Қубодиён яке аз корхонаҳои алоқаи ноҳия мансуб меёбад. Шумораи умумии кормандон 12 нафарро ташкил медиҳад. Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии соҳа айни замон дар ҳудуди ноҳия 1 адад дастгоҳи 1200 рақама ва 280 адад дастгоҳҳои телефонии асосӣ мавҷуд мебошад.

Айни замон, бештари сокинони ноҳия аз шабакаҳои мобилии «ТСЕЛ», «Вавилон», «Мегафон», «Билайн» ва «ТК-Мобайл» истифода мебаранд. Дарозии каналҳои телефонии байниноҳиявӣ ва дохили ноҳиявӣ 1 км - ро ташкил медиҳад.

Шумораи муштариёни корхона дар соли 2014- 270 нафарро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2013 ба андозаи 60 нафар ё 28 фоиз зиёд мебошад. Ба ин нигоҳ накарда то ҳол дар баъзе мавзеъҳо хатҳои телефонӣ мавҷуд нест. Аз ҷумла, ин мушкилиро дар деҳаҳои "Гузари боло", "Ахча", "Арабхона", "Қиёт" ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ва ҷамоатҳои деҳоти ба номи И.Ниёзов, Тахти Сангин эҳсос менамоянд. Барои таъмини

аҳолии деҳаҳои номбурда ба хадамоти телефонӣ харидорӣ намудани симчубҳо, кабел ва дигар намуди таҷҳизоти алоқавӣ зарур аст.

Дар қатори хизматрасони Нуқтаи қитъаи техникии филиали ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳия хизматрасонии интернетиро ба муштариён пешниҳод менамояд.

Дар ҳудуди ноҳия барномаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ Шабакаи якум, Сафина, Баҳористон ва Ҷаҳоннамо пурра фарогир мебошад.

Фарогирии барномаҳои телевизионӣ 95 фоиз шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Инчунин дар ҳудуди ноҳия марказҳои хусусии хизматрасонии интернетӣ фаъолият мекунанд.

Ба ғайр аз ин дар ҳудуди ноҳия дар як моҳ чор маротиба рӯзномаи «Тахти Қубод» нашр карда мешавад. Теъдоди солонаи рӯзномаи мазкур 4300 нусхаро ташкил медиҳад. Дар баробари ин ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои сатҳи гуногун, идҳо, ҷашнҳо ва ғайра иловатан рӯзномаи мазкур нашр карда мешавад. Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин набудани матбааи худӣ мебошад. Бинобар дар шаҳри Душанбе нашр шудани рӯзномаҳо арзиши аслии онҳо гарон мегардад. Яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа ин зиёд намудани шумораи муштариён ба ҳисоб меравад.

Яке аз афзалиятҳои асосӣ барои рушди минбаъдаи соҳа ин кашонидани хатти телефонии нурӣ ва насби як адад истгоҳи телефонии рақамии дорои 100 рақама дар ҷамоати деҳоти Н.Хусрав ва И.Ниёзов истгоҳи телефонии рақамӣ дорои 100 рақама дар ҷамоати деҳоти «20 солагии Истиқлол» ба ҳисоб меравад..

Бо назардошти талаботҳои муосир зарурияти беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба миён омадааст. Аз ин лиҳоз, таъмин намудани аҳолӣ бо дастгоҳҳои телефонии бе сим яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳа дар давраи ояндаи миёнамӯҳлат маҳсуб меёбад.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

Пешбурди сиёсати экологӣ дар сатҳи маҳал тавассути бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳия татбиқ мегардад. Айни замон, дар ин самт 3 нафар дорои маълумоти оли кору фаъолиятро пеш мебаранд. Мушкилотҳои асосие, ки мутахассисон ба он дучор гардида истодаанд ин набудани озмоишгоҳи замонавӣ, техника ва таҷҳизотҳои лозима ва бинои маъмурӣ мебошад.

Ноҳияи Қубодиён аграрӣ ҳисобида мешавад ва аз ин лиҳоз проблемаҳои экологии минтақа дар алоқамандии зич бо фаъолияти соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлими гарм, релефи ҳамвор дар минтақа баҳри инкишофи пахта ва нашъунамои он мусоидат менамояд. Мушкилотҳои экологии ноҳия шабеҳи проблемаҳои экологии дигар минтақаҳои водии Вахш мебошад.

Яке аз хусусиятҳои хоси ноҳия дар он зоҳир мегардад, ки он дар пастии 2 метр аз сатҳи дарёи Кофарниҳон қарор дошта, аз ин ҳисоб обҳои зеризамини хеле баланд аст ва ин боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва вазъи экологӣ гардидааст. Дар натиҷаи ин зиёда аз 1432 гектар заминҳои кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор дошта, аз он ҷумла бинобар сабаби баландшавии оби зери замини 1342 гектар ва 90 гектар бо сабаби шуршавии таркиби хок мебошад.

Дар ноҳияи Қубодиён 3 корхонаи саноатӣ ва 1929 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият менамоянд. Яке аз мушкилотҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад ин надоштани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳадди имконпазирии партовҳо, хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатномаи меъёрӣ мебошад.

Дар баробари ин, то кунун таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатии ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. Аммо, дар корхонаҳои мавҷуда мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда шудааст.

*Ҷадвали №1. Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноати*

| Номгӯйи моддаҳои зараровар | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 391,3 | 366,7 | 319,4 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 319,6 | 298,9 | 258,3 |
| Карбогидратҳо | 71,7 | 67,8 | 61,1 |

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа ин дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ, махсусан ҷамоатҳои деҳот ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза меҳсуб меёбад. Дар ноҳия танҳо 72 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 28 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Бисёр нуқтаҳои манбаъҳои оби нӯшокии ноҳия ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавоб дода наметавонад. Аҳолии ҷамоатҳои деҳоти Навобод ва Заркамар бошад, солҳои дароз аст, ки дастрасӣ ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза надоранд ва аз ин ҳисоб танқисии зиёд мекашанд. Дар ҷамоатҳои деҳоти номбаршуда аҳолӣ обро аз каналҳо истифода мебаранд, ки ин сарчашмаҳо барангезандаи асосии бемориҳои сироятӣ мебошанд.

